Доир ба технологияи парвариши гандум дар заминҳои лалмӣ ва обии Тоҷикистон маълумоти умумӣ аз ҷониби О.Д. Соколова [24, 45 с.] пешниҳод карда шудааст. Аз ҷониби Л. Карамхудоев, А.Ф. Лошкарёв ва О.К. Жукова тавсияҳо оид ба парвариши гандуми тирамоҳию баҳорӣ дар Тоҷикистон таҳия карда шудааст [23, с. 9-22].

Пионери селексияи зироатҳои ғаладонагӣ, лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда дар Тоҷикистон И.Г. Сухобрус [15, с. 7-24] мебошад, ки дар асоси шароити хокию иқлимии ноҳияҳои ғаллапарварӣ бо роҳи интихоб аз дохили популятсияи навъу намунаҳои маҳаллӣ як чанд навъҳои мутобиқи гандумро интихоб кардааст. Ба масъалаи таъсири омилҳои муҳит, аз ҷумла шароити хоку иқлим, ғизои маъданӣ, зичии ҷойгиршавии растаниҳо ва ғайра ба ҳосилнокии гандум дар шароити минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон корҳои зиёди В.А. Бобоҷонов ва дигарон [5, с. 11-27], Р.Э. Шукуров [24, с. 9-10], К. Джумаев [10, с. 5-13], Б.Р. Расулов ва дигарон [22, с. 24-57], А.С. Алимуродов [2, с. 44-45], Ф.М. Пулотов [20, с. 17], Б.Р. Расулзода [21, с. 74-128] ва дигарон бахшида шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки илмҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Консепсияи сиёсати аграрӣ оид ба таъминоти илмии рушди муҷтамеи агросаноатӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 658), Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 383), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227) мутобиқат мекунад.

Тадқиқоти анҷомдодашуда инчунин ба мавзуъ ва нақшаи тадқиқоти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара (Технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим дар ноҳияи Данғараи минтақаи Кӯлоб, № 0114TJ00388, мӯҳлати иҷроиш солҳои 2015-2020), инчунин мавзуи корҳои илмии кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарвариии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (Селексия барои устуворӣ, тезпазакӣ ва маҳсулнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва пахта дар шароити тағйирёбии иқлим, ВР № 0105ТД235, муҳлати иҷроиш солҳои 2010-2015) мувофиқ мебошад.

Тавсифи умумии таҳқиқот

Мақсади таҳқиқот. Таҳияи асосҳои илмии усулҳои технологияи мутобиқати парвариши гандум дар шароити водии Ҳисор ва ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Шароити хокию иқлими водии Ҳисор ва ноҳияи Данғарарo бо назардошти нишондиҳандаҳои миёнаи бисёрсола муқоиса намудан;
2. Таъсири шароити иқлимии ду минтақаи зироатпарварии Тоҷикистон ба ташаккули аломатҳои маҳсулнокии навъҳои гандум баҳо додан;
3. Таъсири зичии ҷойгиршавии пояҳоро ба ташаккули элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум дар ду шароити агроиқлимӣ муайян кардан;
4. Таъсири нуриҳои биологӣ ва минералиро ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои гандум ҳангоми меъёрҳои гуногуни кишти тухмӣ муайян кардан;
5. Хусусиятҳои биологӣ ва физиологии навъҳоро барои бунёди агросенозҳои рақобатпазири гандуми мулоим дар шароити Тоҷикистон омӯхтан;
6. Равишҳои илмиро барои бунёди агросенозҳои устувору сермаҳсули гандум дар минтақаҳои гуногуни экологии парвариши онҳо таҳия намудан;
7. Элементҳои технологияи мутобиқати парвариши гандуми тирамоҳиро дар ду шароити агроэкологии Тоҷикистон муайян кардан;
8. Самаранокии иқтисодии парвариши гандумро дар шароити ду минтақаи агроэкологии Тоҷикистон ҳангоми истифодаи элементҳои технологияи мутобиқат муқоиса намудан.

Объекти таҳқиқот. Ба сифати маводи таҳқиқот шароити иқлими водии Ҳисор ва ноҳияи Данғара дар давраи нашъунамои навъҳои гандуми мулоими Наврӯз (назоратӣ), Атои-85, Добрий, Юна, Шарора, Сафедаки маҳаллӣ, Моҳи нав, Краснодарская 99 (назоратӣ), Крассар, Шокирӣ, меъёрҳои гуногуни кишти тухмӣ аз 50 то 600 дона/м^2, инчунин нуриҳои биологии Бигус ва Зеребра агро истифода бурда шуданд.

Мавзуи таҳқиқот. Асосҳои илмии усулҳои технологияи мутобиқати парвариши гандум дар шароити водии Ҳисор ва ноҳияи Данғара.

Навгонии илмии таҳқиқот. Бори нахуст дар шароити водии Ҳисор ва ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши комплексии агроэкологии меъёрҳои мутобиқати реаксияи навъҳои селексияи маҳаллӣ ва хориҷии гандуми мулоим барои бунёди агросенозҳои серҳосил ва устувори ин зироат гузаронида шудааст. Тафовути муқоисавии омилҳои иқлим дар давраи нашъунамои гандум ва таъсири онҳо ба давомнокии давраҳои алоҳидаи нашъунамо ва дар умум давраҳои нашъунамо муқаррар карда шуданд.

Бори нахуст муносибати муштараки элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум дар бавуҷудоии ҳосили баланд ҳангоми истифодабарии усулҳои гуногуни технологияи парвариш муқаррар карда шуданд. Таҳлили экспериментали ташаккули дарозии байни буғумҳо ва миқдори буғумҳо дар як пояи ҳосилдеҳи навъҳои гандум дар шароити гуногуни муҳит, аз ҷумла зичии растаниҳо ва меъёри нуриҳои минералӣ, инчунин таносуби ин нишондиҳандаҳо бо маҳсулнокии растанӣ гузаронида шудааст. Муқаррар карда шуд, ки дар шароити водии Ҳисор наздики 85% ҳосили дони гандум аз ҳисоби пояҳои дорои чор ва панҷ байнибуғум ба вуҷуд меояд.

Муқаррар карда шуд, ки коэффисенти вариатсияи вазни хӯша ва вазни донаҳои хӯша вобаста аз миқдори байнибуғумҳои пояи ҳосилдеҳ тағйир меёбанд, тағйирёбии вазни хӯша дар ҳудуди 8,17-33% ва вазни донаҳои хӯша дар ҳадди 16,21-40,7% қарор мегирад. Муҳлати оптималии кишти гандум бо назардошти фарорасии шароити иқлим, аз ҷумла намнокӣ ва ҳарорати ҳаво муайян карда шуданд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои гирифташуда оид ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои иқлими водии Ҳисор ва ноҳияи Данғара дар давраи нашъунамои растаниҳоро дар тадқиқоти илмию амалӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Меъёрҳои оптималии муқаррарнамудаи кишти гандум (аз ҳисоби 3,4-4 млн донаи дорои қобилияти сабзиш ба 1 га), кишти гандуми тирамоҳӣ дар муҳлатҳои оптималӣ (аз 15 октябр то 20 ноябр) нуриҳои минералӣ ($N_{160}P_{60}K_{80}$) ва минералию биологӣ ($N_{80}P_{30}K_{40}$+Бигус 2 л/га), инчунин усулҳои истифодабарии онҳоро дар шароити истеҳсолӣ, гузаронидани кишти гандум барои гирифтани ҳосили баланди навъҳои гандум аҳмияти калони амалӣ дорад.

Таҳлили тағйирёбии аломатҳои маҳсулнокии пояи ҳосилдиҳандаи навъҳои гандум, аз ҷумла миқдори буғумҳо дар поя ва масофаи байни буғумҳо, аломатҳои маҳсулнокии хӯша вобаста ба зичии растаниҳо ва меъёри истифодабарии нуриҳои минералию биологӣ, инчунин хусусияти тағйирёбии маҳсулнокии растаниҳо дар киштҳои баҳорию тирамоҳӣ барои тадқиқоти илмию амалӣ дар самти таҳияи потенсиали генетикии навъҳо бо таъсири омилҳои агротехникӣ аҳмияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои гирифташуда оид ба интихоби линияҳои тозаи гандум дар асоси интихоби такрории фардӣ ва вобастагии коррелятсионии аломатҳои маҳсулнокӣ имконияти хеле кӯтоҳ кардани вақтро барои баровардани навъҳои нави гандум медиҳанд. Усули таҳиянамудаи муаллиф оид ба интихоби генотипҳои гандум аз рӯйи муносибати коррелятсионии элементҳои маҳсулнокии хӯша имконияти интихоби навъҳои бештар ба шароити муҳит мутобиқро барои ҳар як минтақаи муайяни парвариши он медиҳад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таъсири омилҳои иқлимӣ ва агротехникӣ дар давраҳои нашъунамо ва давомнокии давраҳои алоҳидаи рушди навъҳои гуногуни гандум дар шароити фарқкунандаи водии Ҳисор ва ноҳияи Данғара муайян карда шуданд;

2. Нақши зичии растаниҳо дар ташаккули нишондодҳои пояи маҳсулнок ва ҳосилнокии гандум муайян карда шуд
3. Таъсири зичии кишт, меъёри нуриҳои минералӣ ва биологӣ ба тағйирёбии нишондодҳои морфобиологию физиологии растаниҳо ва ташаккули ҳосилнокии навъҳои гандум дар минтақаи агроэкологӣ муқаррар карда шуд;
4. Таъсири нуриҳои биологӣ ва минералӣ ба сабзиши дона ва ҳосилнокии навъҳои гуногуни гандум дар шароити саҳрои ноҳияи Данғара аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда шуд;
5. Таъсири муҳлати кишт ба ташаккули ҳосилнокии гандум дар шароити ноҳияи Данғара собит карда шуд;
6. Маҳсулнокӣ ва баъзе элементҳои мутобиқати навъҳои гандуми мулоим дар ду шароити агроэкологии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асонок намуда шуд;
7. Самаранокии иқтисодии баъзе элементҳои технологияи мутобиқати парвариши гандум дар ду шароити агроэкологии Тоҷикистон муқаррар карда шуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Таҷрибаҳои саҳроӣ чандин маротиба аз тарафи комиссияи апробатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва Донишгоҳи давлатии Данғара бо иштироки намояндагони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон назорат карда шудаанд. Натиҷаҳои гирифташуда дар конференсияҳои байналмилалӣ дар Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, инчунин дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ғайра дар дохили кишвар муаррифӣ гардидаанд.

Таҷрибаҳои саҳроию лабораторӣ дар асоси усулҳои мавҷуда мувофиқи методикаи таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [11, с. 18-103] гузаронида шуда, таҳлили оморӣ ва дисперсионии натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз барномаи компютерии Exell 2016 гузаронида шудааст. Агротехникаи парвариши гандум тибқи Тавсияҳо оид ба парвариши зироатҳои ғалладонагӣ дар Тоҷикистон [23, с. 9-20] риоя карда шудаанд.

Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба аломатҳои асосии маҳсулнокии навъҳои гандум дар даврaҳои алоҳидаи рушд ва нашъунамо, коэффитсенти панҷазании маҳсулнок, шумораи байни буғумҳо ва дарозии онҳо дар пояи маҳсулнок, ташаккули сатҳи барг, элементҳои маҳсулнокии хӯша дар вариантҳои гуногуни таҷрибаҳо гузаронида шудааст. Коэффитсенти вариатсия ва коррелятсияи элементҳои маҳсулнокии гандум муайян карда шуданд, ки дар асоси онҳо навъи нави гандуми мулоими “Моҳи нав” бароварда шудааст, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 ноҳиябандӣ шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба соҳаи кишоварзӣ, шиносномаи ихтисоси илмии 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд. Муҳтавои диссертатсия ба чунин бандҳои ихтисоси мазкур мувофиқат менамояд:

Банди 2. Коркарди принсипҳои илмӣ ва усулҳои агротехникии танзими равандҳои хок, реҷаҳои обӣ, ҳавоӣ ва ғизоӣ; хусусиятҳои агрономӣ ва мувозинати гумуси хок. Истифодаи амалии усулҳои биологии баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ.

Банди 16. Органогенези намудҳои (навъҳо) растаниҳо, хосиятҳои хоси пайдоиш, рушду нумӯи узвҳои алоҳидаи рӯйизаминию решагӣ ва нақши онҳо дар ташаккулёбии ҳосил.

Банди 18. Растанипарварии мутобиқшаванда дар шароити ҷумҳурӣ.

Банди 19. Вокуниши намудҳо (навъҳо) ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна (дар иртибот ба шароити ҳароратӣ ва хокӣ, инчунин ба шароити таъмини намнокӣ, реҷаҳои ғизоӣ ва рушноӣ).

Банди 21. Вокуниши зироатҳои саҳроӣ, навъҳои онҳо ба усулҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии агротехникӣ (пешинакишт, тарзҳои коркарди хок, техникаи кишт ва меъёрҳои кишт, намуду навъҳо, вояҳо, муҳлатҳо, тарзҳои додани нуриҳо, нигоҳубини растаниҳо, обёрӣ, муҳлатҳо, тарзҳои ҷамъоварӣ, истифодаи воситаҳои нумӯдиҳандаи нашъунамои растанӣ, моддаҳои фаъоли физиологӣ ва ғайра).

Банди 22. Такмили усулҳои маъмул ва коркарда баромадани технологияҳои нави самараи баланддоштаи технологияҳои парвариш ва ҷамъоварии зироатҳои саҳроии нерӯ ва захирасарфакунанда асосёфта.

Банди 23. Роҳҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти растанипарварӣ. Коркарда баромадани агротехникаи парвариши навъҳои зироатҳои саҳроӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳияи нақша ва барномаи таҳқиқот, варианти таҷрибаҳои саҳроӣ, усули баҳодиҳӣ ба аломатҳои маҳсулнокӣ, таҳлили омории натиҷаҳои гирифташуда, ҷамъоварӣ ва таҳлили миқдори зиёди адабиёт бевосита аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ иҷро гардидаанд. Аслияти диссертатсия 77,66% аст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот маърӯза ва баррасӣ шудаанд: дар конференсияҳои илмӣ-амалии «Тенденции развития агрофизики: от актуальных проблем земледелия и растениеводства к технологиям будущего» (Санкт-Петербург, 2025), «Развитие математических, точных и естественных наук в связи с образованием и производства» (Данғара, 2024), “Современные проблемы повышение эффективности использования земли в связи с изменением климата” (Данғара, 2024), “Масъалаҳои муосири баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин вобаста ба тағйироти иқлим” (Данғара, 2024), «Молодежь и XXI век - 2024» (Курск, 2024), «Тенденции развития агрофизики: от актуальных проблем земледелия и растениеводства к технологиям будущего» (Санкт-Петербург, 2023), «Агрофизический институт: 90 лет на службе земледелия и растениеводства» (Санкт-Петербург, 2022), «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» (Данғара, 2021), «Инновационные подходы и перспективные идеи молодых учёных в аграрной науке» (Кайнар, Казоқистон, 2017), «Илм ва

таҳсилоти муосир: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 2015), «125 лет прикладной ботанике в России» (Санкт-Петербург, 2019), «Генофонд и селекция растений» (Новосибирск, 2020), «Пища. Экология, качество» «Экобиотехнологии и природоподобные технологии в АПК» (Новосибирск, 2021), «Агрофизический институт: 90 лет на службе земледелия и растениеводства» (Санкт-Петербург, 2022), «Совмещенные посевы полевых культур в севообороте агроландшафта» (Краснодар, 2016); конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии: "Гуногунии биологии набототу ҳайвонот ва захираҳои генетикии Кӯҳистони Бадахшон" (Хоруғ, 2023), «Масоили муҳими истифодабарии самараноки замин дар партави рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим» (Душанбе, 2018), «Иқтисодиёти сабз ва мавқеи он дар тағйирёбии иқлим» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Душанбе, 2020), «Истифодаи самараноки омилҳои биоиқлимӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ» (Душанбе, 2018), «Масоили кунунии соҳаи кишоварзӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим» (Душанбе, 2014), «Масоили муҳими соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2001) ва ғайра. Аз рӯйи натиҷаи корҳои диссертатсионӣ ду монография (2018, 2023) нашр карда шудааст.

Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба аломатҳои асосии маҳсулнокии навъҳои гандум дар давраҳои нашъунамо ва пухтарасии ҳосил, коэффисенти панҷазании маҳсулнок, миқдори буғумҳо ва масофаи байни буғумҳо дар пояи маҳсулнок, ташаккули майдони баргҳо, элементҳои маҳсулнокии хушаи навъҳои гандум ҳангоми вариантҳои гуногуни таҷрибаҳо гузаронида шудааст. Коэффисенти вариатсия ва коррелятсияи байни аломатҳои маҳсулнокии навъҳои гандум муайян карда шуданд, ки дар ин замина навъи нави гандуми мулоими "Моҳи нав" бароварда шуда, соли 2015 дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳиябандӣ карда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот дар шароити киштҳои истеҳсолии ноҳияи Данғара, навоҳии минтақаи Кӯлоб ва вилояти Хатлон дар заминҳои обию лалмӣ васеъ татбиқ мешаванд. Технологияи тавсиянамуда оид ба истифодаи нуриҳои биологӣ ва меъёри нуриҳои минералӣ барои парвариши гандум, инчунин дар шароити ноҳияи Данғара ва ноҳияи Носири Хусрав (санадҳои татбиқот замима шудааст) истифода бурда мешаванд. Навъи гандуми тирамоҳии баровардаи муаллифон «Моҳи нав» дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷорӣ шудааст ва дар киштҳои истеҳсолӣ 40-50 с/га ҳосили дон медиҳад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот 55 корҳои илмӣ, аз ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷаллаҳои тавсияшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР, 2 монография нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 320 саҳифаи чопи компютерӣ тартиб дода шуда, он аз муқаддима, шарҳи адабиёт, 8 боб, хулосаҳо ва пешниҳодот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо иборат

аст. Кор 88 ҷадвал, 45 расм ва 21 замима дорад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 537 номгӯй, аз ҷумла 49 адабиёти хориҷӣ иборат аст.

Қисмҳои асосии таҳқиқот

Шароити хокию иқлимии Тоҷикистон, ҳамчун фитотрони табиӣ имконият медиҳад, ки озмоиши комплексии агроэкологии навъҳои қадимӣ ва нави селексияи маҳаллӣ ва хориҷӣ гузаронида шавад, ки ба интихоби навъи мувофиқ барои ҳар як мавзеи зироаткорӣ имконият медиҳад. Бешубҳа ҳар як заминистифодабаранда он навъ (ё навъҳо)-и гандумро интихоб ва парвариш мекунад, ки даромади бештар ба даст орад. Аммо, тавре ки маълум аст, ҳангоми парвариши гандум на ҳама вақт риояи талаботи усулҳои агротехникаи парвариш, низоми киштгардон ва ҳимояи растаниҳо аз касалию зараррасон мушоҳида мегардад, ки чунин ҳолат ба ҳосилнокӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонад.

Водии Ҳисор (780-800 м) ва ноҳияи Данғара (500-900 м), ки макони гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва киштҳои истеҳсолӣ мебошанд, навоҳии муҳими кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд ва ҳиссаи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ мутаносибан 14,4 ва 16,5% ба онҳо рост меояд. Водии Ҳисор (Тоҷикистони Марказӣ) ба минтақаи табиию иқлимии Ҳисор, ноҳияи Данғара ба минтақаи табиию иқлимии Кӯлоб, ки дар Тоҷикистони Ҷанубу ғарбӣ ҷойгир аст, мансубанд. Хоки қитъаҳои таҷрибавӣ ба гурӯҳи хокистарранги муқаррарӣ ва қисман муқаррарӣ дохил мешавад.

Реҷаи ҳароратии водии Ҳисор тибқи нишондоди миёнаи бисёрсола аз ноҳияи Данғара тафовути куллӣ дорад. Мувофиқи маълумоти Барномаи миллии “Амалиёт оид ба мубориза бо биёбоншавӣ дар Тоҷикистон” [2000] ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар давраи кишти гандуми тирамоҳӣ дар водии Ҳисор моҳи октябр 13,4 °С, моҳи ноябр 8,4 °С, дар ноҳияи Данғара бошад мутаносибан 15,4 °С ва 8,7 °С мебошад.

Таваҷҷӯҳи махсусро тафовути нишондоди миёнаи бисёрсолаи ҳарорати ҳаво аз солҳои охир дар ҳарду минтақа талаб мекунад. Болоравии амиқи ҳарорати ҳаво дар водии Ҳисор (1,1-2,6 °С) тайи солҳои охир дар мавсими зимистон (декабр-феврал), инчунин тобистон (июн-июл) ва тирамоҳ (сентябр-октябр) мушоҳида карда мешавад. Дар муқоиса бо водии Ҳисор болоравии ҳарорати ҳаво дар ноҳияи Данғара то 0,59-4,12 °С аз нишондиҳандаҳои бисёрсола мебошад. Дар ин вобастагӣ давраи оромии зимистонаи гандуми тирамоҳӣ дар ин ҷо 20-25 рӯзро (январ-феврал) ташкил медиҳад ва аз миёнаҳои моҳи феврал вегетатсияи баҳории растаниҳо оғоз мегардад.

Натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои иқлимӣ нишон медиҳад, ки тафовути калон аз рӯйи миқдори боришоти солона ва мавсими боришот дар солҳои охир мушоҳида намегардад. Аммо, норасогии миқдори зарурии боришот дар моҳи октябр, баъзан ноябр аксаран сабаби дермонӣ дар кишти гандуми тирамоҳӣ мегардад.

Мавод ва усули таҷрибаҳо.

Таҷрибаи 1. Омӯзиши маҳсулнокии потенсиалии навъҳои гандум ҳангоми киштҳои дурмасофа дар шароити водии Ҳисор (қитъаи таҷрибавии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ, сроҳои 1997-2002). Кишти гандуми тирамоҳӣ моҳи ноябр бо усули қатории расмӣ, бо байни қаторҳои 10 см гузаронида шуд. Барои муайян кардани таҳияи бештари маҳсулнокии навъҳои гандум майдони ғизогирии растаниҳо дар меъёри кишти 50 дона/м^2 ба 200 см^2, дар меъёри кишти 100 дона/м^2 – 100 см^2 ва дар 150 дона/м^2 – 66,6 см^2 мебошад. Агротехника дар қитъаи таҷрибавӣ тибқи тавсияҳои умумӣ қабулгардида оид ба парвариши гандуми тирамоҳӣ. Пешинакишт пахта.

Таҷрибаи 2. Омӯзиши нишондодҳои биометрии растаниҳо дар навъҳои омӯхташаванда вобаста ба зичии ҷойгиршавӣ ва таъсири нуриҳои минералӣ, дар шароити водии Ҳисор (хоҷагии таълимии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, солҳои 2005-2009). Меъёри нуриҳои минералӣ дар заминаи талаботи растаниҳо барои ҳосил шудани 1 с ҳосили дон ва ба он мутаносибан коҳ – нитроген – 4 кг, фосфор – 1,3 ва калий – 2,5 кг [3, с. 17-18], барои ҳосили банақшагирифташудаи 40 с/га муайян карда шуд.

Майдони қитъаи таҷрибавӣ 50 м^2, майдони баҳисобгирӣ 40 м^2, такрорёбӣ 3 карата. Қитъачаҳо ба таври системавӣ дар як қабат ҷойгир карда шуданд. Байни қитъачаҳо роҳрави бараш 30 см, байни вариантҳо 50 см, қаторҳои охири муҳофизатӣ 2 м гузошта шуд. Барои тадқиқот навъҳои гандуми мулоими Наврӯз (назоратӣ), Атои-85 ва Краснодарская 99 интихоб карда шуданд.

Вариантҳои таҷриба

Навъ	Меъёри кишт		Варианти нуриҳо, кг/га (м.т.)		
	дона/м^2	кг/га			
Наврӯз	200	80	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Наврӯз	300	120	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Наврӯз	400	160	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Наврӯз	500	200	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Наврӯз	600	240	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Атои-85	200	80	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Атои-85	300	120	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Атои-85	400	160	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Атои-85	500	200	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Атои-85	600	240	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Краснодарская 99	200	80	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Краснодарская 99	300	120	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Краснодарская 99	400	160	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Краснодарская 99	500	200	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$
Краснодарская 99	600	240	Бе нурӣ (назоратӣ)	N_{160}	$N_{160}P_{60}K_{80}$

Таҷрибаи 3. Самаранокии интихоби генотипҳо дар асоси вобастагии коррелятсионии аломатҳои маҳсулнокии хӯшаи гандум (хоҷагии таълимии Дат ба номи Ш. Шоҳтемур, солҳои 2005-2012). Мақсади таҷрибаҳо аз баҳодиҳии муносибати тарафайни элементҳои маҳсулнокии гандум ва таъсири интихоби фардӣ ба ҳосилнокӣ мебошад. Ба сифати маводи кишт хӯшаҳои (линияҳо) дар асоси маҳсулнокӣ аз дохили популятсияи навъи Атои-85 интихобшуда истифода бурда шуданд. Пешакӣ вобастагии

коррелятсионии элементҳои маҳсулнокии хӯшаҳои интихобшуда ҳисоб карда шуданд.

Таҷрибаи 4. Таъсири шароити иқлими ноҳияи Данғара ба рушду инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои гандум (қитъаи таълимӣ-таҷрибавии ДДД, солҳои 2013-2016). Мақсади таҳқиқот баҳодиҳӣ ба таъсири шароити иқлим ба хусусиятҳои рушду инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои гуногуни гандум мебошад. Маводи таҳқиқот навъҳои гандуми мулоими Краснодарская 99 (назоратӣ), Наврӯз, Моҳинав, Сафедаки маҳаллӣ. Меъёри кишти тухмӣ аз ҳисоби 160 кг/га муқаррар карда шуд, пешинакишт алафҳои бисёрсола. Агротехникаи таҷрибаҳо мувофиқи тавсияҳои умумиқабулгардида барои ноҳияи Данғара.

Таҷрибаи 5. Таъсири кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ ба ташаккули аломатҳои физиологӣ ва маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити ноҳияи Данғара (қитъаи таълимӣ-таҷрибавии ДДД, солҳои 2014-2017).

Вариантҳои таҷриба: 1) Кишти тирамоҳии навъҳои гандуми Моҳи нав ва Шокирӣ 10-20 ноябр; 2) Кишти баҳории навъҳои гандуми Моҳи нав ва Шокирӣ 10-20 феврал.

Меъёри кишт 160 кг/га, пешинакишт – зироатҳои сабзавотӣ. Муҳлати оптималии кишти гандуми тирамоҳӣ дар шароити ноҳияи Данғара вобаста ба боришоти атмосферӣ даҳаи дуюми моҳи ноябр, кишти баҳорӣ моҳи феврал мебошад.

Таҷрибаи 6. Таъсири нуриҳои биологӣ ва минералӣ ба маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити ноҳияи Данғара (қитъаи таълимӣ-таҷрибавии ДДД, солҳои 2018-2020)

Вариантҳои таҷриба

Навъ	Варианты нуриҳо, кг/га (м.т.)				
Мохи нав	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Бигус	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Бигус	Зеребра агро	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Зеребра агро
Фаньян-01	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Бигус	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Бигус	Зеребра агро	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Зеребра агро
Крассар	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Бигус	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Бигус	Зеребра агро	$N_{80}P_{30}K_{40}$+ Зеребра агро

Бузургиҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқлимӣ – коэффитсенти намнокӣ (ГТК ва КУ) ва хушкӣ (ИС) бо усули пешниҳоднамудаи С.Н. Немсев ва Р.Б. Шарипова [19, с. 3-5] ҳисоб карда шуданд. Коэффитсенти гидротермӣ (ГТК), ҳамчун нишондиҳандаи намнокии ҳудуд, бо усули Г.Т. Селянинов (1937), аз рӯйи таносуби ҷамъи боришот дар давраи ҳарорати миёнаи шабонарӯзии зиёда аз 10 °С (R) ба ҷамъи ҳарорати фаъол (Σt) дар ҳамин давра (зиёда аз 10 °С) ҳисоб карда шуд:

$$ГТК = \frac{R * 10}{\sum t}. \quad (1)$$

КГТ (ГТК) ҳамчун нишондиҳандаи намконии ҳудуд дараҷаи бо намӣ таъмин шудани минтақаи парвариши зироатҳои кишоварзиро ифода мекунад. КГТ баробари 1 ва зиёда аз он намнокии хуб ё барзиёд, камтар аз 1 – хушкии минтақаро ифода мекунад.

Дар солҳои гузаронидани таҷрибаҳо КГТ водии Ҳисор 0,72 (солҳои 1997-2002) ва 0,81 (солҳои 2007-2011), дар шароити ноҳияи Данғара бошад, дар ҳадди 0,75 (солҳои 2014-2017) қарор дошт, ки намнокии нокифояи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубу шарқиро нишон медиҳад.

Коэффитсенти намнокӣ (КН) ҳамчун таносуби миқдори боришоти атмосферӣ (Р) ва бухоршавӣ (Ем) мувофиқи Чирков бо формулаи зерин ҳисоб карда шуд: $К = \frac{Р}{Ем}$. (2). Мувофиқи нишондоди Н.Н. Иванов коэффитсенти намнокӣ барои минтақаи ҷангалӣ ба 1,0-1,5, барои бешадашт – 0,6-1,0, барои даштҳо – 0,3-0,6% аст. Дар асоси хусусияти мувозинати гармӣ М.И. Будико ва А.А. Григорева [6, с. 11-13] таснифоти нишондиҳандаҳои иқлимиро аз рӯйи таносуби гармӣ ва намӣ индекси радиатсионро (К) аз рӯйи минтақаҳои географӣ таҳия кардаанд. Индекси радиатсионии хушкӣ бо формулаи $К = \frac{R}{L*r}$, (3) ҳисоб карда мешавад, ки дар ин ҷо R – таносуби радиатсионии сатҳи густурда, L – гармии ҳаҷмии бухоршавӣ; r – ҷамъи боришоти солона мебошад.

Коэффитсенти истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ дар шароити истеҳсолот (С) аз рӯйи нисбати дараҷаи мувофиқати нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ (УП) ба натиҷаҳои қитъаҳои таҷрибавӣ (ДВУ) ҳисоб карда шуд: $С = \frac{УП}{ДВУ} * 100.$ (4).

Барои ҳисоб кардани нишондоди мутобиқат коэффитсенти вариатсия бо усули таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [7, с. 160-166]; нишондиҳандаи устуворӣ ба стресс (Ymin – Ymax) ва чандирии генетикӣ ((Ymax+ Ymin)/2), бо баробариҳои A.A. Rosielle & J. Hamblin (1981, дар нашри А.А. Гончаренко [8, с. 51] ҳисоб карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот

Элементҳои технологияи мутобиқати парвариши гандум дар шароити водии Ҳисор

“Технологияи мутобиқати парвариши зироатҳои кишоварзӣ ба бунёди шароити беҳтарин барои татбиқи иқтидори маҳсулнокии навъҳо бо истифодаи шароити хоку иқлими ноҳия ва паст кардани таъсири омилҳои номусоид равона карда шудааст. С.Л. Елисеев ва дигарон барои ташкилёбии технологияи мутобиқат таҳияи “шиносномаи агробиологи”-ро, ки дар он талаботи навъ ба шароити парвариш ва муносибати он ба усулҳои агротехника бояд дарҷ карда шавад, муҳим меҳисобанд” [1, с. 44-45].

Ба андешаи В.Н. Ремесло “Ба фаъолнокии нешзании дони гандуми тирамоҳӣ дар баробари миқдори намии хок таъсири калон ва аксар вақт муайянкунандаро ҳарорати ҳаво ва хок мерасонад. Одатан, болоравии ҳарорат то ҳадди муайян сабзишро метезонад, вале пастравии он ин равандро суст мегардонад” [18, с. 102-103].

“Барои пайдоиши майсаҳои гандум ба ба сатҳи хок одатан ҷамъи ҳарорати фаъоли наздики 120 °С талаб карда мешавад. Панҷазании растаниҳои гандуми тирамоҳӣ бошад, ҳангоми кишт дар муҳлати

оптималӣ (октябр-аввали ноябр), инчунин ҳангоми мавҷудияти ҳарорати зарурӣ ва намнокӣ дар шароити Тоҷикистон одатан 25-30 рӯз пас аз кишт оғоз меёбад. Дар гандуми баҳорӣ давраи панҷазанӣ пас аз ду-се ҳафтаи пайдоиши майсаҳо, вақте ки барги сеюми ҳақиқӣ пайдо мешавад, оғоз меёбад” [27].

Барои шароити иқлими водии Ҳисори Тоҷикистон ба мисли аксарияти дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ тобистони гарми хушк ва тирамоҳи камбориш хос аст, ки барои сари вақт гузаронидани кишти тирамоҳии гандум мусоидат намекунад. Миқдори боришоти атмосферӣ охири тирамоҳ ба 134 мм баробар шудааст, ки дар натиҷа майсаҳои гандум миёнаҳои ноябр баромаданд. Ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ дар ин давра ба 7,8 °С баробар аст, ки нисбат ба ҳарорати оптималӣ дар давраи пайдоиши майсаҳо 4 °С камтар мебошад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.- Нишондиҳандаҳои шароити иқлими водии Ҳисор дар давраи нашъунамои гандум (солҳои 1997-2002)

Давраи нашъунамои гандум	Санаи фарорасӣ	Ҳарорат, °С		Боришот, мм	
		Воқеӣ	Фарқият аз меъёр (±)	Воқеӣ	Фарқият
Сабзиш	13.11	7,8	-4	133,9	Барзиёд
Панҷазанӣ	23.12	5,0	-8	7,9	Нокифоя
Найчабандӣ	12.04	15,9	0	43,4	Муътадил
Хӯшабандӣ	22.04	20,0	0	43,4	Муътадил
Гулкунӣ	29.04	22,5	0	43,4	Муътадил
Ташаккул ва пухтарасии дона	12.05-03.06	22,4-28,5	+3	23,0-9,0	Нокифоя

Дар давраи панҷазанӣ фарқияти ҳарорати ҳаво (тибқи меъёр +13…+18 °С) 8 °С камтар аст. Миқдори боришот дар давраи пайдоиши майсаҳо нокифоя мебошад. Ин нишондиҳанда дар давраҳои ояндаи инкишофи гандум дар дараҷаи оптималӣ қарор дорад, лекин дар давраи ташаккулёбӣ ва пухтарасии дона норасогии намӣ мушоҳида карда мешавад.

Натиҷаи тадқиқот нишон медиҳад, ки ҳангоми кишти тирамоҳӣ давомнокии давраи панҷазанӣ ба ҳосилнокии навъҳои гандум таъсири калон мерасонад. Дар шароити ноҳияи Данғара ҳангоми кишт дар муҳлати оптималӣ (аз 15 октябр то 20 ноябр) ва фароҳам омадани шароити зарурии иқлимӣ дар давраи тирамоҳу баҳор панҷазании навъҳои гандум 58-64 рӯз давом меёбад, ки ҳосилнокии гандумро ба ҳисоби миёна то 28,2-37,7 с/га таъмин месозад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.- Элементҳои маҳсулнокии растаниҳо дар навъҳои гандум дар шароити водии Ҳисор (ҳисоби миёнаи солҳои 1997-2002)

Навъҳои гандум	Давомнокии давраи панҷазанӣ, рӯзҳо	Миқдори пояҳои маҳсулнок, адад/м^2	Вазни донаҳои 1 хӯша, г
Шарора	63	204±15	1,24±0,26
Добрий	58	216±26	1,66±0,16
Юна	63	217±10	1,61±0,26
Наврӯз (назоратӣ)	64	251±45	1,37±0,25

Тавре ки аз нишондодҳои ҷадвали 2 дида мешавад, ҳангоми кишти тунук (меъёри миёнаи кишти тухмӣ 100 дона ба 1 м^2) миқдори пояҳои маҳсулнок дар навъҳои гандум аз 204 то 251 адад тағйир меёбад, ки ҳангоми баргардонидан ба 1 га 2,04-2,51 миллион ададро ташкил медиҳад. Вазни донаҳои як хӯша низ дар ин ҳолат фарқкунанда мебошад ва ҳадди камтарини он дар навъи Шарора (1,24 г), ҳадди зиёдтарин дар навъи Добрий (1,66 г) мушоҳида карда мешавад.

Маҳсулнокии захираҳои табиӣ дар растанипарварӣ маҷмӯи омилҳои хокию иқлимӣ ва дигар омилҳоро барои таъмини ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар бар меширад. Чунин равиш баланд бардоштани аҳамияти ҳамаи омилҳоро барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ифода менамояд. Ба самаранокии захираҳои табиӣ шароити иқлим, ҳолат ва ҳосилхезии хок, тарзи коркарди хок, сифати маводи кишт, истифодаи нуриҳо, риояи агротехникаи парвариши растаниҳо ва дигар омилҳо таъсир мерасонанд. Дар айни замон шароити номусоиди иқлимӣ, бад шудани ҳолати физикии хок, маводи кишти ғайристандартӣ, норасогии элементҳои ғизоӣ, коркарди нодурусти хок ва дигар шароитҳо метавонанд ба ҳосилноки ва сифати дони зироатҳои парваришёбанда таъсири манфӣ расонанд.

Дар зироатпарварии муосир муносибати зироатҳо ба шароити муҳити атроф бо чунин нишондиҳандаҳо, ба мисли “мутобиқат”, “устуворӣ”, “чандирӣ будан”, “гомеостази инкишофи фардӣ” ва дигар мафҳумҳое, ки хусусият ва дараҷаи мутобиқати растаниро ба муҳити атроф дар маҷмуъ ва бо аломатҳои алоҳида ифода мекунанд, баҳо дода мешавад.

Тибқи нишондоди хушкии таҳиянамудаи М.И. Будико ва А.А. Григорева [51, с. 140-185] барои минтақаи суптропикии даштӣ бо намнокии гузарандаи нокифоя К=1-2, барои минтақаи суптропикии нимбиёбон К=2-3 мебошад. Мувофиқи таснифоти мазкур индекси зиёд аз воҳид мавҷудияти шароити хушкиро нишон медиҳад, ки ба водии Ҳисор ва ноҳияи Данғараи Тоҷикистон хос мебошанд (ҷадвалҳои 3 ва 4).

Ба сифати нишондиҳандаи ҳосилнокии оптималӣ ҳангоми хусусияти 100 балаи эталони хок дар водии Ҳисор барои солҳои 1997-2002 ҳудуди 43,5 с/га, солҳои 2007-2011 бошад, вобаста ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иқлимӣ 66,7 с/га, барои ноҳияи Данғара солҳои 2014-2017 вобаста ба эҳтимолияти таҳияи иқтидори навъҳо дар қитъаи таҷрибавӣ (15%) 52,36 с/га қабул карда шуд.

Ҳамин тавр, маҳсулнокии захираҳои табиӣ дар қитъаи таҷрибавии водии Ҳисор 80-95,23%, дар ноҳияи Данғара бошад, солҳои 2014-2017 ба 86,95% мерасад, ки имконияти гирифтани ҳосили оптималиро медиҳад (ҷадвали 4).

Ҷадвали 3.- Хусусияти шароити иқлим дар солҳои гузаронидани таҷрибаҳо ва ҳосилнокии гандум дар қитъаҳои таҷрибавӣ

Макони таҳқиқот	Ҳарорати миёна, °С		Амплитудаи солонаи тафовути ҳарорат, °С	Ҷамъи ҳарорати фаъол, °С	Ҷамъи боришот, мм				Коэффисентҳо			Ҳосилнокӣ, с/га
									намнокӣ		хушкӣ	
	Январ	Июл			зимис-тон	баҳор	тобис-тон	тира-моҳ	ГТК	КУ	ИС	
Водии Ҳисор (солҳои 1997-2002	3,2	28,5	25,3	2445	175,4	167,5	17,2	132,6	0,72	0,60	2	34,80
Водии Ҳисор (солҳои 2007-2011)	2,5	27,7	25,2	3203	219,6	222,4	31,9	116,7	0,81	0,72	2	63,52
Ноҳияи Данғара (солҳои 2014-2017)	5,81	30,91	25,1	4166	215,1	245,9	17,8	77,8	0,75	0,68	2	45,53

Ҷадвали 4.- Маҳсулнокии захираҳои табиӣ дар қитъаҳои таҷрибавӣ ва дар шароити истеҳсолот

Макони таҳқиқот	Минтақаи табиӣ-иқтисодӣ	Ҳосилнокии миёнаи гандум, с/га		Маҳсулнокии захираҳои табиӣ, %	Самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар истеҳсолот, %
		дар таҷриба	дар истеҳсолот		
Водии Ҳисор (солҳои 1997-2002)	Ҳисор	34,80	12,03	80,0	34,56
Водии Ҳисор (солҳои 2005-2014)	Ҳисор	63,52	32,15	95,23	50,61
Ноҳияи Данғара (солҳои 2014-2017)	Кӯлоб	45,53	34,69	86,95	76,19

Самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ дар истеҳсолот ҳадди аксар дар ҳосилнокии гандум ифода мегардад. Тавре ки аз натиҷаҳои ҷадвали 4 дида мешавад, солҳои 1997-2002 дар шароити водии Ҳисор ин нишондиҳанда дар киштҳои истеҳсолӣ камтарин буда, 34,56%-ро ташкил мекунад. Солҳои 2007-2011 коэффитсенти истифодабарии захираҳои табиӣ дар водии Ҳисор дар шароити истеҳсолот то 50,61%, дар шароити ноҳияи Данғара бошад, 76,19%-ро дар ҳоли ҳосилнокии миёнаи гандум дар вилояти Хатлон 36,69 с/га ташкил медиҳад.

Баҳодиҳӣ ба самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ дар истеҳсолот нишон медиҳад, ки ҳангоми таъмин будани шароити оптималӣ имконияти баланд бардоштани нишондоди мазкур вуҷуд дорад ва дар ин самт шароити оптималии иқлим дар давраи нашъунамои растаниҳо ва риояи талаботи агротехникаи парвариш аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамин тавр, самтҳои асосӣ дар раванди мутобиқат ва технологияи парвариши гандум дар шароити тағйирёбии иқлим дар водии Ҳисор ва ноҳияи Данғараи Тоҷикистон ба воситаи кишти навъҳои миёнапаз ва тезпази гандум, ки дараҷаи баланди азхуд кардани нуриҳои минералӣ ва дигар захираҳоро доранд, амалӣ карда мешаванд. Дар қитъаҳои таҷрибавӣ ба даст овардани ҳосили баланд аз ҳисоби сари вақт ва дуруст иҷро кардани ҳамаи чорабиниҳои агротехникӣ оид ба парвариши гандум, инчунин истифодаи усулҳои иловагии технологияи мутобиқат, ба монанди: тайёр кардан ва коркарди тухмӣ пеш аз кишт, чораҳои мубориза бар зидди касалию зараррасон таъмин карда шуданд.

Баҳодиҳии муқоисавии элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум солҳои 2005-2008 болоравии куллии ҳамаи нишондодҳоро дар навъи Наврӯз (назоратӣ) дар муқоиса бо солҳои 1997-2002 нишон медиҳад (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5.- Элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити водии Ҳисор ҳангоми меъёри кишти 200 дона/м² (солҳои 2005-2008)

Навъ / Аломат	Наврӯз (назоратӣ)	Атои-85	Краснодарская 99
Баландии поя, см	83,30	83,06	53,55
Дарозии хӯша, см	10,63	10,53	7,99
Вазни коҳ, г	1,50	1,29	0,59
Вазни хӯша, г	2,87	2,44	1,44
Миқдори хӯшачаҳо дар хӯша, адад	18,53	16,39	12,67
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	47,80	50,42	33,27
Вазни донаҳои як хӯша, г	2,23	1,79	1,08
Ҳосилнокӣ, с/га	61,9	68,93	58,43

Ҳамин тавр, шароити оптималии иқлим дар давраи нашъунамои гандуми тирамоҳӣ имконияти ташаккули мукаммали элементҳои муҳимтарини маҳсулнокии растаниҳоро дар навъи Наврӯз фароҳам овард. Чунончи, вазни хӯша ба ҳисоби миёна 2,87 г, вазни донаҳои як хӯша – 2,23 грамро ташкил медиҳад. Ин ва дигар аломатҳо нисбат ба

дигар навъҳои интродуксияшуда хеле бартарӣ доранд, ки дараҷаи баланди вобастагии байни навъ ва омилҳои иқлимро нишон медиҳад.

«Технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ маҷмуи чорабиниҳоиест, ки гирифтани маҳсулоти зиёд ва босифатро ба таври мунтазам барои истифода дар самти муайян ва бо самаранокии баланди иқтисодӣ таъмин менамояд. Технологияи парвариши гандум асоси таҷрибавӣ дорад ва бо дарназардошти робитаи системавӣ бунёд гардидааст. Аммо, дар шароити истеҳсолӣ он бо роҳи таносуби гуногуни усулҳои пешрафта ва анъанавии агротехника ташаккул ёфтааст, ки дар аксар ҳолатҳо сабаби талафоти иқтисодӣ ва мухолифат бо экология мегардад» [16, с. 41].

Натиҷаҳои таҳлили биометрии навъҳои гандуми мулоим нишон медиҳанд, ки дар давраи пухтарасии ширахамирии дона коэффитсенти баланди вариатсияи узвҳои генеративии пояи ҳосилдеҳ мушоҳида карда мешавад, ки дар навбати худ фаъолгардии равандҳои физиологиро дар ин давра нишон медиҳад. Инро дар тафовути зиёди вазни тар ва хушки узвҳои алоҳидаи пояи маҳсулнок дидан мумкин аст (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6.- Нишондоди биометрии пояи маҳсулноки навъҳои гандуми мулоим дар давраи пухтарасии ширахамирии дон (меъёри кишти тухмӣ 200 дона/м^2)

Нишондод	Вазни тар	Коэф. вариатсия (V)	Вазни хушк	Коэф. вариатсия (V)
Навъи Наврӯз (назоратӣ)				
Вазни умумӣ, г	76,31±17,99	62,36	20,25±4,6	59,72
Вазни реша, г	8,83±2,64	79,08	3,21±1,16	95,48
Вазни рӯйизаминӣ, г	67,49±15,55	60,95	17,04±3,6	55,72
Вазни хӯша, г	5,84±0,58	26,20	2,14±0,25	30,94
Вазни барги болоӣ, г	0,90±0,11	32,71	0,24±0,04	43,67
Навъи Сурхаки маҳаллӣ				
Вазни умумӣ, г	146,54±29,7	45,33	40,23±9,3	51,48
Вазни реша, г	10,78±1,75	36,25	4,11±1,21	66,01
Вазни рӯйизаминӣ, г	135,76±28,3	46,66	36,12±8,2	50,62
Вазни хӯша, г	2,88±0,66	51,10	0,97±0,23	53,77
Вазни барги болоӣ, г	0,58±0,03	9,83	0,17±0,01	16,11
Навъи Атои-85				
Вазни умумӣ, г	85,63±18,23	47,59	17,93±3,6	44,89
Вазни реша, г	9,02±1,09	27,11	2,93±0,37	27,84
Вазни рӯйизаминӣ, г	76,62±17,17	50,12	14,99±3,3	49,23
Вазни хӯша, г	2,90±0,36	27,80	0,89±0,12	30,49
Вазни барги болоӣ, г	1,13±0,21	41,23	0,28±0,06	50,94

Таҷрибаҳои саҳроӣ нишон доданд, ки ҳангоми меъёри кишти 200 дона/м^2 навъҳои омӯхташавандаи гандуми мулоим аз ҳамдигар бо вазни умумӣ ва рӯйизаминӣ дар давраи пухтарасии ширахамирии дона фарқ мекунанд. Фарқияти калон дар нишондиҳандаи миёнаи вазни тар ва хушк дида мешавад (расми 1). Масалан, агар дар навъи Атои-85 вазни умумии рӯйизаминии тар нисбат ба навъи Наврӯз бештар бошад, пас дар охирин вазни зиёди умумӣ ва рӯйизаминии хушк дида мешавад,

мутаносибан 20,25 ва 17,04 г, ки ба кам будани миқдори намӣ дар давраи баҳодиҳӣ дар узвҳои рӯйизаминӣ ва системаи решаи навъи тезпази Наврӯз вобаста аст. Дар муқоиса бо ин дар навъи Сурхаки маҳаллӣ вазни бештарини тар ва хушк ҳосил шудааст, ки рушди бештари узвҳои вегетативии ин навъро нишон медиҳад.



Расми 1.- Вазни умумӣ ва рӯйизаминии пояи маҳсулдеҳи навъҳои гандум мулоим дар давраи ширахамирии дона (меъёри кишт 200 дона/м²)

Дар расми 2 тақсимоти вазни тар ва хушки пояи ҳосилдеҳ дар мисоли навъи Наврӯз дар давраи пухтарасии ширахамирии дона оварда шудааст. Аз расм дида мешавад, ки дар ҳолати тар будан хӯша 7% вазни умумиро ташкил медиҳад ва 81% вазни рӯйизаминӣ ба қисмати вегетативии растанӣ рост меояд.



Расми 2.- Тақсимоти вазни тар (А) ва хушки (Б) пояи маҳсулноки гандуми навъи Наврӯз

Вазни вегетативии рӯйизаминӣ 75% вазни хушки пояи маҳсулноки гандум, вазни хӯша бошад, 10% онро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр ҳиссаи системаи реша ва хӯша дар вазни хушки растанӣ дар муқоиса бо вазни тар каме зиёд мебошад.

Масъалаи таъминоти меъёри оптималии нуриҳои минералӣ барои гирифтани ҳосили хуб вобаста ба гуногунии шароити хоку иқлим муҳим мебошад. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки баробари зиёд шудани меъёри кишти тухмӣ баландии пояи маҳсулноки гандум дар ҳамаи вариантҳои нуридиҳӣ тағйир меёбад (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7.- Шумораи байнибуғумҳо ва вазни коҳи пояи маҳсулноки гандуми навъи Наврӯз вобаста ба меъёри кишт ва нуриҳои минералӣ

Аломат	Вариант	Меъёри кишти тухмӣ, дона/м²					Ҳисоби миёна
		200	300	400	500	600	
Меъёри кишти тухмӣ, кг/га		**80**	**120**	**160**	**200**	**240**	
Миқдори буғумҳо, адад	Назоратӣ (бе нурӣ)	3,60	3,10	3,17	3,17	3,33	**3,27**
	N_{160}	3,42	3,20	3,60	3,67	3,30	**3,44**
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	3,64	3,42	3,67	3,53	3,42	**3,54**
Вазни коҳ, г	Назоратӣ (бе нурӣ)	0,78	0,70	0,81	0,62	0,65	**0,71**
	N_{160}	0,92	0,72	1,11	0,82	0,68	**0,85**
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	0,78	0,86	0,92	0,94	0,79	**0,86**

Тавре ки аз расми 3 бар меояд, равиши тағйирёбии баландии поя дар варианти истифодабарии нурии нитрогенӣ (N_{160}) аз меъёри кишти 400 дона/м² сар карда ба самти камшавӣ меравад, вале ҳангоми истифодабарии меъёри пурраи нуриҳо ($N_{160}P_{60}K_{80}$) то меъёри кишти 300 дона/м² мунтазам меафзояд. Тағйирёбии барои ҳамаи вариантҳои нурӣ хос аз рӯйи баландии поя дар меъёри кишти 600 дона/м² мушоҳида карда мешавад, ки таъсири аниқи зичии растаниҳоро ба ин аломат нишон медиҳад.



Расми 3.- Ташаккули баландии поя дар гандуми навъи Наврӯз ҳангоми меъёри гуногуни кишт ва нуриҳои минералӣ (кг/га)

Натиҷаҳои гирифташуда аз таомули бетафовути навъи Наврӯз аз рӯйи аломати миқдори байнибуғумҳо ҳангоми зичии гуногуни растаниҳо ва меъёри нуриҳои минералӣ шаҳодат медиҳад, яъне ин аломат дар ҳамаи вариантҳои таҷриба дар ҳудуди 3,10-3,67 буғум қарор гирифтааст. Зиёдшавии вазни коҳ дар вариантҳои истифодабарии нуриҳои минералӣ мушоҳида мешавад, гарчанде ки вазни бештарин ҳангоми меъёри кишти 400 дона/м^2 ташаккул ёфтааст.

Дарозии хӯша, ҳамчун элементи муҳим вобаста ба меъёри кишти тухмӣ тағйирёбии зиёд дорад (расми 4). Нишондиҳандаи баландтарини он дар навъи Наврӯз ҳангоми истифодабарии меъёри нуриҳои минералӣ бо таносуби $N_{100}P_{60}K_{40}$, мушоҳида карда мешавад, ки 8,30-9,38 см мебошад. Тағйирёбии ин аломат ба варианти истифодабарии нитрогени минералӣ дар алоҳидагӣ бештар шабоҳат дорад, назар ба варианти бе истифодаи нуриҳои минералӣ, ки самаранокии нуриҳоро барои ташаккули вай нишон медҳад.



Расми 4.- Дарозии хӯша дар гандуми навъи Наврӯз ҳангоми меъёри гуногуни кишт ва варианти нуриҳои минералӣ

Зиёд кардани меъёри кишти тухмӣ ба тағйирёбии вазни хӯшаи маҳсулнок таъсири нобаробар мерасонад, вале ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ раванди тағйирёбии ин аломат қонунияти муайянро мегирад (расми 5). Агар ҳангоми истифодаи нурии нитрогенӣ меъёри кишти камтарин (200 дона/м^2) боиси зиёд шудани вазни хӯша гардад, пас ҳангоми таъсири муштараки нитроген, фосфор ва калий ин аломат дар меъёрҳои кишти 200-500 дона/м^2 тадриҷан афзоиш меёбад, аммо зиёдшавии минбаъдаи меъёри кишт боиси якбора камшавии он мегардад (то 1,53 г).



Расми 5.- Ташаккули вазни хӯшаи гандуми навъи Наврӯз ҳангоми меъёри гуногуни кишт ва варианти нуриҳои минералӣ (кг/га м.т.)

Миқдори бештари донаҳои як хӯша (44 адад) дар меъёри кишти 200 дона/м^2 ва $N_{160}P_{60}K_{80}$, миқдори камтарин бошад (28 дона), ҳангоми меъёри зиёдтарини кишт (600 дона/м^2) дар варианти бидуни нуриҳои минералӣ гирифта шудааст. Дар ин ҳолат вазни зиёдтарин (1,56 г) ва камтарини донаҳои як хӯша (1,07 г) низ мутаносибан ба ҳамин вариантҳо рост меояд, ки вобастагии зичи миқдор ва вазни донаҳои як хӯшаро нишон медиҳад. Нишондоди миёнаи ин аломат ҳангоми истифодабарии ду варианти нуриҳои минералӣ самти афзояна дорад (ҷадвали 8).

Ҷадвали 8.- Ташаккули элементҳои маҳсулнокии хӯшаи гандуми навъи Наврӯз (назоратӣ), вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ

Аломат	Вариант	Меъёри кишти тухмӣ, дона/м^2				
		200	300	400	500	600
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	Бе нурӣ (назоратӣ)	34,60	31,50	29,17	33,12	27,75
Вазни донаҳои як хӯша, г		1,24	1,07	1,06	1,08	1,07
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	N_{160}	39,25	36,20	38,80	32,58	31,00
Вазни донаҳои як хӯша, г		1,32	1,26	1,13	1,49	1,09
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	$N_{160}P_{60}K_{80}$	44,00	42,67	33,64	39,92	34,00
Вазни донаҳои як хӯша, г		1,56	1,48	1,29	1,40	1,12

Баландии поя дар навъи Атои-85 дар варианти назоратӣ 50-67 см, ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ бошад, он то 63,80-74,72 см афзоиш меёбад, дар варианти $N_{160}P_{60}K_{80}$ бошад ба 70,76-75,55 см мерасад. Муайян карда шуд, ки истифодаи нуриҳои минералӣ ба ин аломат таъсири калон расонидааст, назар ба зичии ҷойгиршавии растаниҳо (ҷадвали 9).

Тавре ки дида мешавад, ҳангоми якхела будани меъёри кишти тухмӣ, масалан 200 дона/м^2, баландии поя дар заминаи нуриҳои минералӣ тадриҷан зиёд мешавад. Баландии поя дар меъёрҳои гуногуни кишти тухмӣ – 300 ва 600 дона/м^2 дар байни ду варианти нуриҳои минералӣ якхела боқӣ мемонад, лекин дар дигар вариантҳо (400 ва 500 дона/м^2) ҳангоми меъёри нуриҳои минералӣ $N_{160}P_{60}K_{80}$ баландии поя зиёд мешавад.

Ҷадвали 9.- Ташаккули нишондодҳои физиологии пояи маҳсулноки гандуми навъи Атои-85 вобаста ба меъёри кишт ва нуриҳои минералӣ

Аломат	Вариант	Меъёри кишти тухмӣ, дона/м^2				
		200	300	400	500	600
Меъёри кишти тухмӣ, кг/га		80	120	160	200	240
Баландии поя, см	Назоратӣ (бе нурӣ)	50,68	56,54	67,00	63,14	64,05
	N_{160}	69,65	74,72	63,80	71,45	70,55
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	72,08	74,03	71,17	75,55	70,76
Миқдори буғумҳо, адад	Назоратӣ (бе нурӣ)	3,91	4,00	4,20	4,00	3,91
	N_{160}	4,40	4,70	4,60	4,20	4,70
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	4,40	4,80	4,30	4,80	4,40
Вазни коҳ, г	Назоратӣ (бе нурӣ)	0,79	1,01	1,10	0,90	0,90
	N_{160}	1,36	1,39	0,82	1,25	1,42
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	1,25	1,18	1,39	1,17	1,11

Тибқи нишондоди А.А. Жученко “гандум вобаста ба хусусиятҳои филогенетики ба гурӯҳи растаниҳои эвритопӣ (аз калимаи юнонии eyrus – васеъ ва topos – макон), дохил мешавад, яъне қобилияти паҳншавӣ дар шароити зиёд тағйирёбандаро дорад. Бо такя ба таъсири фишорҳои экологӣ ба растанӣ ё узвҳои алоҳидаи он дар давраи нашъунамо, инчунин қобилияти растанӣ барои рақобат бо ин гуна шароит, ки аз рӯйи онҳо давраи “ҳассоси” онтогенез ҷудо карда мешавад, муаллиф ба системаҳои “ғайрифаъол” ва “фаъол”-и мутобиқати растаниҳо (навъҳо) ишора мекунад, ки устувории экологии онҳо ва иқтидори маҳсулнокиро муайян мекунанд” [13, с. 207-210].

Зичии ҷойгиршавии растаниҳо ва меъёри нуриҳои минералӣ ба ташаккули миқдор ва вазни донаҳои як хӯшаи навъи Атои-85 таъсири калон расониданд (ҷадвали 10).

Ҷадвали 10.- Ташаккули миқдор ва вазни донаҳои як хӯша дар навъи Атои-85 вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ

Аломат	Вариант	Меъёри кишти тухмӣ, дона/м^2				
		200	300	400	500	600
Меъёри кишти тухмӣ, кг/га		80	120	160	200	240
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	Назоратӣ (бе нурӣ)	31,91	39,80	29,20	32,91	37,18
	N_{160}	41,00	40,10	37,00	34,90	37,60
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	49,40	32,40	38,30	41,20	35,00
Вазни донаҳои хӯша, г	Назоратӣ (бе нурӣ)	0,95	0,76	0,72	0,88	0,84
	N_{160}	1,15	0,93	0,81	1,04	0,89
	$N_{160}P_{60}K_{80}$	1,34	1,39	1,28	0,91	1,15

Таъсири нуриҳои минералӣ ба ин аломатҳо дар ҳамаи вариантҳои меъёри кишт дида мешавад. Масалан, миқдори донаҳои як хӯша дар варианти назоратӣ 29-40 адад, дар варианти нурии нитрогенӣ 35-41 адад,

дар варианти меъёри пурраи нуриҳоим имнералӣ бошад ($N_{160}P_{60}K_{80}$) ба 32-49 адад баробар аст. Дар ин ҳолат ҳамзамон зиёдшавии мунтазами вазни донаҳои як хӯша мушоҳида карда мешавад, ки самаранокии истифодаи нуриҳои минералиро нишон медиҳад.

Миқдор ва вазни бештари донаҳои як хӯша дар навъҳои Наврӯз ва Атои-85 ҳангоми истифодаи нуриҳо бо меъёри $N_{160}P_{60}K_{80}$ ташаккул ёфтааст. Аммо, баробари зиёд кардани меъёри кишти тухмӣ коҳишёбии ин аломатҳо ба назар мерасад, ки ин аз зарурати зиёд кардани меъёри нуриҳои минералӣ ё муқаррар кардани зичии оптималии ҷойгиршавии растаниҳо дарак медиҳад.

Натиҷаи таҷрибаҳои дуомила нишон медиҳанд, ки меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ ба ташаккули биомассаи растаниҳо дар майдони кишт таъсири амиқ мерасонанд. Чунончи, агар дар навъи Наврӯз дар меъёрҳои кишти 300, 400 ва 500 дона/м^2 фарқият миёни вариантҳои нурӣ фақат 37,5-93,8 г/м^2 бошад, дар навъи Атои-85 ин тафовут ба 588,7-781,8 г/м^2 баробар аст, гарчанде ки аз рӯйи миқдори пояҳои маҳсулнок дар байни навъҳо фарқияти калон дида намешавад (ҷадвали 11).

Ҷадвали 11.- Биомассаи умумӣ ва миқдори пояҳои маҳсулнок дар навъҳои гандум дар меъёрҳои гуногуни кишти тухмӣ

Навъ	Меъёри кишт, дона/м^2	Биомассаи умумӣ (г/м^2)			Миқдори пояҳои маҳсулнок (адад/м^2)		
		Бе нурӣ (назоратӣ)	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Фарқият (±)	Бе нурӣ (назоратӣ)	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Фарқият (±)
Наврӯз (ст.)	200	850	1775	925	293	470	377
Наврӯз (ст.)	300	1650	1687	37,5	365	485	220
Наврӯз (ст.)	400	1675	1769	93,8	450	763	313
Наврӯз (ст.)	500	1609	1675	65,6	533	606	73
Наврӯз (ст.)	600	1350	1655	304,7	488	711	223
Атои-85	200	1075	1577	502,3	283	608	325
Атои-85	300	1275	1864	588,7	358	581	223
Атои-85	400	1425	2207	781,8	400	641	241
Атои-85	500	1450	2203	753,4	420	670	250
Атои-85	600	1475	2102	626,7	475	673	198

Натиҷаҳои гирифташуда иқтидори маҳсулнокии навъи Наврӯзро дар муқоиса бо навъи интродуксияшудаи Атои-85 дар варианти назоратӣ (бе нурӣ) нишон медиҳанд. Бартарии навъи Наврӯз дар ин ҷо бавуҷуд овардани вазни бештари донаҳои як хӯша (1,07-1,24 г) мебошад, ки сабаби таъмини ҳосили баланд гардидааст (ҷадвали 12).

Ҳангоми истифодабарии меъёри оптималии нуриҳои минералӣ ($N_{160}P_{60}K_{80}$) афзоиши бомароми элементҳои маҳсулнокӣ, аз ҷумла вазни хӯша ва миқдори пояҳои маҳсулнок дар воҳиди майдон мушоҳида карда мешавад. Зиёдкунии минбаъдаи меъёри кишти тухмӣ ба камшавии ҳосилнокӣ меорад. Ҳамчунин қонуният дар навъи Атои-85 дида мешавад.

Ҷадвали 12.- Ҳосилнокии навъҳои гандум вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ

Навъ	Меъёри кишт, дона/м²	Меъёри кишт, кг/га	Вазни донаҳои як хӯша, г		Ҳосилнокӣ, с/га		
			Бе нурӣ (назоратӣ)	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Бе нурӣ (назоратӣ)	$N_{160}P_{60}K_{80}$	Фарқият, +I
Наврӯз (st.)	200	80	1,24	1,56	25,43	51,32	25,89
Наврӯз (st.)	300	120	1,07	1,48	27,34	50,25	22,90
Наврӯз (st.)	400	160	1,16	1,29	36,54	68,90	32,36
Наврӯз (st.)	500	200	1,08	1,40	40,29	59,39	19,10
Наврӯз (st.)	600	240	1,07	1,12	36,55	55,74	19,19
Атои-85	200	80	0,95	1,34	18,82	57,03	38,21
Атои-85	300	120	0,76	1,39	19,05	56,53	37,49
Атои-85	400	160	0,72	1,28	20,16	57,44	37,28
Атои-85	500	200	0,88	0,91	25,87	42,68	16,81
Атои-85	600	240	0,84	1,15	27,93	54,18	26,25

Ҳамин тавр, дар шароити тағйирёбии иқлим элементи муҳими мутобиқати агротехникаи парвариш барои гирифтани ҳосили баланди навъҳои устувори гандуми мулоим истифодаи меъёри пурраи нуриҳои минералӣ ва зичии оптималии ҷойгиршавии растаниҳо мебошад.

Ю.Б. Коновалов қайд мекунад, ки “Омӯзиши равандҳои бевосита пешоянди аломат метавонад дар як қатор ҳолот бо усулҳои оддии морфологияи таҷрибавӣ иҷро карда шавад. Он барои селексияи амалӣ муҳим аст, чунки равандҳое, ки ар бораи онҳо сухан меравад, ниҳоят интегралӣ ҳастанд ва бевосита ба аломат роҳ меёбанд” [17, с. 142].

Бо такя ба ин ва дигар усулҳои баровардани навъҳои нави гандум бо роҳи интихоби генотипҳо аз рӯйи робитаи байни аломатҳои маҳсулнокии растаниҳо мо интихобро аз рӯйи алоқаи коррелятсионии байни элементҳои маҳсулнокии хӯша гузаронидем. Дар ин ҳолат устувории байниҳамдигарии аломатҳои хӯша бо роҳи базодиҳии такрорӣ дар наслҳои оянда санҷида шуд.

Дар популятсияи киштҳои истеҳсолии гандуми навъи Атои-85 интихоби фардӣ аз рӯйи элементҳои хӯшаи асосӣ бо мақсади муайян кардани якхелагӣ ё гуногунии генетикии навъи додашуда аз рӯйи ин аломатҳо гузаронида шуд (с. 2005). Вобастагии коррелятсионии элементҳои маҳсулнокии хӯшаи гандум дар линияҳои аз дохили навъи Атои-85 интихобгардида пешакӣ гузаронида шуд. Дар ин асос 9 хӯшаи асосии дорои беҳтарин нишондиҳандаҳо аз рӯйи маҳсулнокӣ интихоб карда шуданд (ҷадвали 13).

Соли оянда дони ҳар як хӯшаи интихобгардида дар қаторҳои алоҳида кишт карда шуда, щангоми таҳлили маҳсулнокии хӯша вобаста ба андозаашон хӯшаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуданд: калон ва хурд. Ба гурӯҳи якум хӯшаҳои маҳсулнокиашон 1,1-3,5 г ва ба гурӯҳи дуюм хӯшаҳои вазни донашон камтар аз 1 г дохил карда шуданд. Натиҷаи

таҳлил нишон дод, ки таносуби байни пояҳои маҳсулноки хӯшаашон калон ва хурд дар ҳудуди 2,4 ба 1,6 ва 3,2 ба 0,8 тағйир меёбад, яъне интихоб аз рӯйи вазни донаҳои як хӯша натиҷабахш аст (ҷадвали 14).

Ҷадвали 13.- Элементҳои маҳсулнокии хӯшаҳои интихобгардида

Аломат	Ҳисоби миёна	Коэффитсенти коррелятсия бо вазни донаи хӯшаи асосӣ
Дарозии хӯша, см	10,2±0,21	0,664
Вазни хӯша, г	3,07±0,13	0,987
Миқдори хӯшачаҳо дар хӯша, адад	15,25±0,96	0,786
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	54,0±2,08	0,897
Вазни донаҳои як хӯша, г	2,26±0,1	-

Ҷадвали 14.- Сохтори ҳосили дони гандум дар хӯшаҳои интихобшуда

№ линия	Маҳсулнокии хӯша		Миқдори пояҳои ҳосилдеҳ			Таносуби хӯшаҳои калон ва хурд
	миқдори донаҳо	вазни донаҳо, г	ҳамагӣ	бо хӯшаи калон	бо хӯшаи хурд	
12	56	2,5	88	56	32	2,50:1,50
14	63	2,7	83	61	22	3,04:1,06
15-1	41	1,7	55	44	11	3,20:0,80
15-2	58	2,6	88	53	35	2,40:1,60
18	47	2,0	110	91	19	3,30:0,70

Дар насли оянда пояҳои маҳсулнок вобаста ба миқдори буғумҳо ба 4 гурӯҳ ҷудо карда шуданд: 44% пояҳо 4 буғум; 38% – 5 буғум; 15% – 3 буғум; 3% – 6 буғум доранд (расми 6). Ҳамин тавр, дар агросенози навъҳои гандум устуворӣ ба хобидан ба воситаи таносуби пояҳо бо миқдори гуногуни буғумҳо таъмин карда мешавад.



Расми 6.- Тақсимоти пояи ҳосилдеҳ аз рӯйи миқдори буғумҳо

Баландии поя ва дарозии байни буғумҳо дар пояи маҳсулнок вобаста ба шумораи буғумҳо тағйир меёбад (ҷадвали 15). Ҳар қадаре ки баландии поя зиёд бошад, ҳамон қадар шумораи буғумҳо дар поя зиёданд. Байни баландии поя ва дарозии хӯша низ робитаи мусбӣ ҷой дорад.

Ҷадвали 15.- Ташаккули баландии пояи маҳсулнок ва хӯша вобаста ба шумораи буғумҳо дар гандуми мулоими линияи №15-1

Пояи маҳсулнок	Баландии поя, см	Дарозии байни буғумҳо, см						Дарозии хӯша, см
		1	2	3	4	5	6	
Бо 3 буғумҳо	73,8	12,9	19,1	33,8				8,0
Бо 4 буғумҳо	82,2	6,6	15,4	19,3	32,5			8,4
Бо 5 буғумҳо	90,0	4,5	10,0	14,5	20,3	31,8		9,0
Бо 6 буғумҳо	97,0	3,5	8,0	13,0	16,0	20,0	27,0	9,5

Бо зиёд шудани миқдори буғумҳо дар поя камшавии назарраси дарозии онҳо мушоҳида карда мешавад. Масалан, дарозии байни буғуми якум дар пояи маҳсулноки дорои 6 буғумҳо ҳамагӣ ¼ ҳиссаи байни буғуми якумро дар пояи дорои 3 буғум ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, дарозии байни буғумҳои пояи маҳсулнок вобаста ба миқдори буғумҳо дар поя тағйир меёбад. Ин аломат бо зиёд шудани миқдори буғумҳо дар поя кам мешавад, ки метавонад устувории растаниҳоро ба хобидан таъмин намояд. Аз ин ҷо, интихоб барои устуворӣ ба хобиданро метавон вобаста ба шумораи буғумҳо ва дарозии онҳо дар пояи маҳсулнок гузаронидан мумкин аст.

Тадқиқот нишон доданд, ки баробари зиёд шудани миқдори буғумҳои пояи маҳсулнок аз 3 то 5 адад вазни хӯша низ то 2,1 г ва вазни донаҳои хӯша то 1,5 г зиёд мешавад, ки робитаи зичи ин аломатҳоро нишон медиҳад. Бо назардошти пояҳои маҳсулнок (n=40) бо миқдори гуногуни байни буғумҳо ҳиссаи онҳо дар ташаккули ҳосили умумии дона (54,1 г) ҳисоб карда шуд. Муайян карда шуд, ки наздики 85% ҳосили дона аз ҳисоби пояҳои дорои чор ва панҷ байнибуғум ба вуҷуд меояд.

Муқаррар карда шуд, ки коэффисенти вариатсия аз рӯйи вазни хӯша ва вазни донаҳои хӯша низ вобаста ба миқдори байни буғумҳои пояи маҳсулнок тағйир меёбанд. Ин коэффисент дараҷаи тағйирёбии вазни хӯшаро аз 8,17 то 33% ва вазни донаҳои хӯшаро аз 16,21 то 40,7% нишон медиҳад (ҷадвали 16).

Ҷадвали 16.- Маҳсулнокии хӯшаи гандум (линияи №15-1) вобаста аз миқдори буғумҳои поя

Пояҳои маҳсулнок	Вазни хӯша, г	Вазни донаҳои як хӯша, г	Коэффисенти вариатсия, V (%)	
			Вазни хӯша	Вазни донаҳои хӯша
Бо 3 буғум	1,8±0,2	1,3±0,2	33,0	40,7
Бо 4 буғум	1,7±0,1	1,3±0,1	16,6	19,6
Бо 5 буғум	2,1±0,1	1,5±0,1	24,1	24,9
Бо 6 буғум	1,5	1,0		
Ҳисоби миёна	1,9±0,08	1,4±0,07	8,17	16,21

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки зиёд шудани меъёри кишти тухмӣ ба афзоиши баландии пояи маҳсулноки гандум, инчунин дарозии байнибуғумҳои алоҳида боис мегардад. Тағйирёбии зиёди байнибуғумҳои алоҳида аз рӯйи дарозии онҳо дида мешавад, ки бо меъёри кишт ва ташаккули пояи маҳсулнок вобастагӣ дорад.

Масалан, дарозии байнибуғуми (ДБ) якум дар пояи дорои 3 буғум 9-9,5 см, пояи дорои 4 буғум – 5,23-7,42 см, пояи дорои 5 буғум бошад, аз 1,67 то 6,0 см мебошад. Ҳамчунин қонуният дар байнибуғумҳои оянда низ дида мешавад, яъне баробари зиёд шудани шумораи буғумҳо дар пояи маҳсулнок камшавии дарозии байнибуғумҳо дида мешавад, ки дар навбати худ устувории растаниҳоро ба хобидан таъмин менамояд. Дар баробари зиёд шудани меъёри кишти тухмӣ камшавии вазни хӯша (ВХ) аз 2,54 то 1,95 г мушоҳида карда мешавад. Ҳамзамон бо ин дарозии хӯша (ДХ) ба таври ночиз тағйир меёбад (ҷадвали 17).

Ҷадвали 17.- Ташаккулёбии пояи ҳосилдеҳи гандуми навъи Наврӯз (назоратӣ) вобаста ба меъёри кишти тухмӣ (солҳои 2006-2009)

Аломати растанӣ	Бо 3 буғум	Бо 4 буғум	Бо 5 буғум	Ҳисоби миёна, см	Коэф. вариатсия	НСР$_{05}$
100 дона/м^2 (бе нурӣ)						
ДП, см	83,0	76,12	83,76	79,94±1,75	7,20	7,70
ДБ, см: 1-ум	9,5	5,23	1,67	3,67±0,82	73,91	
2-юм	28,0	10,38	7,17	10,23±1,85	59,89	
3-юм	35,5	15,75	10,83	14,86±2,21	49,28	
4-ум	-	34,88	17,25	24,30±2,95	38,34	
5-ум	-	-	35,17	35,17±0,46	3,20	
ДХ, см	10,0	9,88	11,67	10,86±0,43	13,03	1,88
ВХ, г	2,2	2,11	2,88	2,36±0,18	23,76	0,22
200 дона/м^2 (бе нурӣ)						
ДП, см	71,0	84,2	93,5	82,90±1,73	6,90	9,14
ДБ, см: 1-ум	9,0	6,9	6,0	7,0±0,40	18,90	
2-юм	15,5	11,2	8,5	11,3±0,52	15,34	
3-юм	37,0	18,4	12,0	19,5±1,87	31,80	
4-ум	-	37,1	19,0	35,3±1,80	16,97	
5-ум	-	-	37,0	37,0±0,00		
ДХ, см	9,5	10,6	11,0	10,5±0,38	11,89	1,97
ВХ, г	1,8	2,3	2,4	1,84±0,14	20,81	0,31
300 дона/м^2 (бе нурӣ)						
ДП, см		86,34	91,8	89,07±1,49	5,75	6,58
ДБ, см: 1-ум		7,42	3,80	5,77±0,70	40,32	
2-юм		10,83	8,20	9,64±0,56	19,43	
3-юм		18,42	11,80	15,41±1,13	24,36	
4-ум		38,67	18,90	29,68±3,12	34,88	
5-ум			39,20	39,20±0,37	2,13	
ДХ, см		11,00	9,90	10,50±0,40	12,60	1,94
ВХ, г		1,94	1,96	1,95±0,12	20,83	0,25

Дараҷаи баланди коэффисенти вариатсияи дарозии байнибуғумҳо ҳангоми кишт бо меъёри 100 дона/м^2 муқаррар карда шуд. Дарозии умумии пояи маҳсулнок (ДП) коэффисентив ариатсияи ночиз дорад. Дар ҳамаи вариантҳои таҷриба дараҷаи миёнаи вариатсия аз рӯйи дарозии

хӯша ва вазни донаҳои хӯша мушоҳида карда мешавад, ки устувории генетикии ин аломатҳоро собит месозад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҳангоми истифобаи нитрогени маъданӣ дар пояи маҳсулноки гандум шумораи буғумҳо тағйир меёбад.

Дар навъи Наврӯз набудани пояи дорои 3 буғум ҳангоми кишти нисбатан зич (300 дона/м^2) дар варианти назоратӣ (бе нурӣ), инчунин ҳангоми ҳар се меъёри кишт ва истифодаи нитрогени маъданӣ мушоҳида карда мешавад (ҷадвали 18).

Ҷадвали 18.- Ташаккулёбии пояи ҳосилдеҳи гандуми навъи Наврӯз вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нитрогени маъданӣ

Аломати растанӣ	Бо 4 буғум	Бо 5 буғум	Бо 6 буғум	Ҳисоби миёна, см	Коэф. вариатсия	НСР$_{05}$
100 дона/м^2 (N200)						
ДП, см	86,5	93,28		89,9±2,00	8,13	10,28
ДБ, см: 1-ум	8	3,55		3,2±0,30	30,85	
2-юм	11	8,48		8,27±0,19	7,82	
3-юм	19	11,78		11,18±0,68	20,02	
4-ум	35	20,99		19,82±2,27	38,07	
5-ум		35,61		35,61±0,76	6,03	
ДХ, см	13,5	12,87		12,82±0,30	7,85	1,71
ВХ, г	3,4	2,44		2,54±0,23	32,00	0,26
200 дона/м^2 (N200)						
ДП, см	73,13	90,66		81,9±2,99	12,43	10,39
ДБ, см: 1-ум	3,64	3,33		3,55±0,50	44,76	
2-юм	8,21	8,00		8,15±0,22	8,70	
3-юм	14,07	10,67		13,05±0,61	14,83	
4-ум	35,57	18,00		30,30±2,79	29,11	
5-ум	-	37,83		37,83±1,30	5,96	
ДХ, см	11,64	12,83		12,00±0,42	11,11	1,85
ВХ, г	1,64	2,65		2,20±0,22	38,49	0,49
300 дона/м^2 (N200)						
ДП, см	70,39	88,13	108	88,84±3,44	14,38	10,01
ДБ, см: 1-ум	5,88	3,81	3,0	4,38±0,68	55,70	
2-юм	9,88	7,44	7,5	8,19±0,62	27,36	
3-юм	16,38	9,69	10,0	11,77±1,24	38,10	
4-ум	38,25	18,00	13,5	23,88±2,89	43,62	
5-ум	-	37,94	19,0	35,83±2,25	18,82	
6-ум	-		42,0	42,00±0,00		
ДХ, см	11,75	11,25	13,0	11,54±0,27	8,38	1,49
ВХ, г	1,89	2,01	3,0	2,05±0,23	41,08	0,54

Дар муқоиса бо варианти назоратӣ (бе нурӣ) дар ин ҷо пояҳои дорои 3 буғум нестанд, вале ҳангоми кишт бо меъёри 300 дона/м^2 пояҳои дорои 6 буғум ҳосил мешаванд, ки дар ин ҳолат баландии поя низ зиёд мешавад. Ба ғайр аз оне ки дар пояҳои дорои 5 буғум дарозии байни

буғумҳо дар ҳудуди 35,61-37,94 см қарор дорад, ҳамзамон ҳангоми ҳосил шудани буғуми 6-ум он то 19,0 см кӯтоҳ мешавад. Дар ин ҳолат дарозии байнибуғуми хӯшабар (болоӣ) то 42 см зиёд мегардад.

Ҳолати мазкур чунин шарҳ дода мешавад, ки дар киштҳои зич ҳангоми истифодабарии нуриҳои маъданӣ навъҳои устувор ва мутобиқ қобилияти таъмин намудани устувории пояи маҳсулнокро ба зичии кишт зоҳир менамоянд. Дар пояҳои дорои 5 байнибуғум дарозии ду байнибуғуми болоӣ дар муқоиса бо пояҳои дорои 4 байнибуғум хеле зиёдтар мешавад, ки дарозии умумии растанӣ ва устувории онро ба хобидан таъмин менамояд.

Коэффисенти вариатсияи дарозии умумии поя ва дарозии хӯша дар навъи Наврӯз ночиз аст, дар ҳоле ки дарозии байнибуғумҳои алоҳида дар киштҳои зич бештар тағйир меёбад. Ҳангоми кишт бо меъёрҳои 100 ва 200 дона/м^2 нишондиҳандаи мазкур дар байнибуғумҳои дуюм ва панҷум ночиз аст, вале дар дигар байнибуғумҳо то 38-44,76% зиёд мешавад, ки аз механизми танзимнамоии растаниҳо бо таъсири шароити муҳити зист дарак медиҳад.

Вобастагии коррелятсионии байни элементҳои маҳсулнокии растаниҳо индикатори муҳим барои батанзим даровардани элементҳои агротехникаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ мебошад. Дар таҷрибаҳои саҳроии гузошташуда коррелятсияи хаттӣ миёни дарозии поя ва дарозии хӯша ҳангоми кишт бо меъёрҳои 100 ва 200 дона/м^2 баланди мусбӣ мебошад, вале ҳангоми зиёд кардани меъёри кишт то 300 дона/м^2 то 0,24-0,42 нишондиҳанда суст мегардад, ки паст шудани робитаи байни ин аломатҳоро бо ҳамдигар нишон медиҳад (ҷадвали 19). Чунин қонуният миёни дарозии хӯша ва вазни донаҳои хӯша низ дида мешавад, ки дар баррасии вобастагии ин аломатҳои муҳими маҳсулнокии хӯшаи гандум таваҷҷуҳпазир мебошад.

Ҷадвали 19.- Коэффисенти коррелятсияи аломатҳои маҳсулнокии гандуми навъи Наврӯз

Аломат	Меъёри кишт, дона/м^2 (бе нурӣ)			Меъёри кишт, дона/м^2 (N200)		
	100	200	300	100	200	300
Дарозии поя-дарозии хӯша	0,82	0,82	0,42	0,63	0,76	0,24
Дарозии поя – вазни донаҳои хӯша	0,79	0,79	0,56	0,83	0,94	0,86
Дарозии хӯша – вазни донаҳои хӯша	0,83	0,83	0,80	0,69	0,77	0,22

Ташаккули элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити саҳро аз рӯйи вобастагии байниҳамдигарии омилҳои муҳит ва иқтидори хоси худи навъ вобаста аст. Тавре ки натиҷаи тадқиқот нишон медиҳад (ҷадвали 20), миқдори растаниҳои ҳангоми ҷамъоварии ҳосил нигоҳдошташуда вобаста ба зиёд шудани меъёри кишти тухмӣ кам

мегардад ва ба 72-92% баробар мешавад. Миқдори пояҳои маҳсулнок низ таҳти таъсири зичии ҷойгиршавии ратсаниҳо таъйирёбии муайянро дорад, вале таъсири нитрогени маъданӣ ба ин аломат ночиз мебошад.

Ҷадвали 20.- Маҳсулнокии навъҳои гандум вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нитрогени маъдунӣ (солҳои 2006-2009)

Вариантҳои таҷриба	Меъёри кишти тухмӣ, дона/м^2	Миқдори растаниҳо дар 1 м^2		Миқдори пояҳои маҳсулнок дар 1 м^2		Ҳосилнокӣ, с/га
		адад	%	адад	% аз миқдори умумӣ	
Наврӯз (бе нурӣ)	100	92	92,0	243	92,7	43,2
	200	162,6	81,3	228	95,0	35,9
	300	216	72,0	227	88,3	31,8
Наврӯз (N200)	100	92	92,0	307	85,7	54,3
	200	162	81,0	450	89,1	65,6
	300	216	72,0	425	90,0	64,7
Атои-85 (бе нурӣ)	100	83	83,0	253	85,8	36,6
	200	164	82,0	225	91,1	27,7
	300	240	80,0	275	75,3	36,5
Атои-85 (N200)	100	88	88,0	380	96,2	62,1
	200	162	81,0	322	83,2	58,0
	300	268	89,3	342	75,5	52,1
$НСР_{05}$						1,41

Вазни бештари рӯйизаминии растаниҳо дар навъи Наврӯз (назоратӣ) бе истифодаи нуриҳои маъданӣ ҳангоми кам будани меъёри кишти тухмӣ ҳосил мешавад, ки ба 1117 г/м^2 баробар аст, аммо дар варианти истифодаи ғизои нитрогенӣ ҳангоми меъёри кишти 200 дона/м^2 то 1627 г/м^2 зиёд мешавад. Истифодаи нитрогени маъданӣ ба зиёдшавии вазни рӯйизаминии растаниҳо то 1467-1975 г/м^2 мусоидат намуд, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) хеле зиёд аст.

Тадқиқот ҳамчунин нишон дод, ки робитаи зич байни вазни умумии рӯйизаминӣ ва вазни донаҳо аз воҳиди майдон вуҷуд дорад. Кишти сераки гандум дар қитъаи таҷрибавӣ таҳияи нисбатан бештари иқтидори имконпазири навъҳо, аз ҷумла ташаккули вазни хӯша ва вазнидонаҳои хӯшаро имконпазир гардонид, ҳангоми истифодаи нитрогени маъданӣ бошад афзоиши ҳосили донро то 66,5 с/га дар навъи Наврӯз (назоратӣ) ва то 62,1 с/га дар навъи Атои-85 таъмин намуд (ҷадвали 20).

Элементҳои технологияи мутобиқати парвариши гандум дар шароити ноҳияи Данғара

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии растанипарварӣ бевосита ба интенсификатсия алоқаманд аст, ки айни замон дар ҷумҳурӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ҳалли вазифаҳои мубрам ва мушкилоти махсуси ратсанипарварӣ ҳам барои татбиқи вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон, ҳам барои илму технология аҳамияти муҳим дорад.

“Мутобиқати навъ (дурага) – таносуби муваззани миқдори зиёди аломатҳое аст, ки дар байни онҳо бартарият ба аломатҳои бештар арзишманд дода мешавад. Дараҷаи мутобиқат на танҳо аз мувофиқати навъ, балки инчунин аз махсусияти шароити экологии дар агросеноз бавуҷудоянда вобаста аст. Ба навъи мутобиқшуда чунин талабот ҷорӣ карда мешавад: тавоноии экологӣ (қобилияти додани ҳосили ҳадди ақал миёна ҳангоми тафовути зиёти шароити иқлим); гетерогении популятсия (мавҷудияти растаниҳои аз рӯйи қад, чуқурии ҷойгиршавии системаи реша, устуворӣ ба хушкӣ, мӯҳлати гулкунӣ ва ғайра фарқкунанда дар он); тезпазӣ (қобилияти тез нашъунамо ёфтан), шадидият (қобилияти зуд ба беҳтаршавии шароити парвариш ҷавобдиҳанда, масалан, боридани боришот); устуворӣ ба касалиҳои замбӯруғӣ ва ғайра; кам осебёбӣ аз ҳашарот ва қобилияти баланди бозсабзӣ ҳангоми ҳуҷуми ҳашарот” [24, с. 617–626].

“Шадидяти растанипарварӣ пеш аз ҳама ба воситаи ба истеҳсолот ворид намудани тамоми усулҳои мавҷудаи агротехникаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо хароҷоти нисбатан камтари захираҳо ва гирифтани ҳосили баланд амалӣ мегардад. Айни замон тавсияи мукаммали агротехникӣ барои парвариши растаниҳо вобаста аз шароити хокию иқлимии ҳар як минтақаи зироатпарварӣ таҳия шудааст” [27].

Дар шароити ноҳияи Данғара (соли 2013) кишти гандум 19 ноябр гузаронида шуда, сабзиши майсаҳо дар навъи Наврӯз 3 декабр, Сафедаки маҳаллӣ – 4 декабр, Краснодарская 99 – 5 декабр ва Моҳи нав – 6 декабр ба қайд гирифта шуд. Давомнокии давраи кишт-сабзиш ҳамин тавр 15-18 рӯзро ташкил дод. Сабаби асосии тафовути навъҳо дар давраи сабзиш ва дер пайдо шудани майсаҳо норасогии намӣ дар хок мебошад (миқдори боришоти атмосферӣ дар моҳи ноябр ҳамагӣ 13,7 мм), ҳарорати ҳаво дар ин давра оптималӣ буд (10,13 °С).

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ маълум гашт, ки солҳои 2013-2014 давраи ташаккул ва инкишофи элементҳои маҳсулнокии гандум, аз ҷумла гулкунӣ дар навъҳои омӯхташуда моҳи апрел фаро мерасад, ки ба давраи фарорасии ҳарорати оптималии ҳаво (ҳарорати миёнаи моҳона 16,6 °С) ва миқдори кифояи боришоти атмосферӣ (110,5 мм) барои ин давра мебошад (ҷадвали 21).

Ҷадвали 21.- Ҳарорати миёнаи даҳрӯзаи ҳаво дар давраҳои нашъунамои навъҳои гандум дар шароити ноҳияи Данғара (с. 2013-2016)

№ б.т.	Навъ	Ҳарорати миёнаи даҳрӯзаи ҳаво, °С					
		Сабзиш	Панҷа-занӣ	Найча-бандӣ	Хӯша-бандӣ	Гулкунӣ	Пухта-расӣ
1.	Краснодарская 99 (назоратӣ)	9,23	9,58	15,41	19,77	22,27	24,12
2.	Наврӯз	9,23	6,29	11,75	19,77	22,27	24,12
3.	Моҳи нав	9,23	6,29	14,63	15,41	19,77	24,12
4.	Сафедаки маҳаллӣ	9,23	6,29	11,75	15,71	19,77	24,12

Аз натиҷаҳои ҷадвали 22 бар меояд, ки миқдори боришоти атмосферӣ дар давраи пайдоиши майсаҳо (13,7 мм) нокифоя аст, гарчанде ки дар давраҳои ояндаи нашъунамо миқдори кифояи боришот борид. Нишондодҳои боришоти атмосферӣ дар давраи нашъунамои гандум нишон медиҳанд, ки панҷазании гандум ҳангоми намнокии нисбии ҳаво дар ҳудуди 72,3% будан оғоз ёфтааст. Камшавии ин омил то 55,2-66,8% дар давраи найчабандии растаниҳо ва хӯшабандӣ бо коҳишёбии минбаъда то 51,0% дар давраи пухтарасии дона мушоҳида карда мешавад, ки поён аз меъёри тавсияшаванда (70-75%) қарор дорад.

Ҷадвали 22.- Ҷамъи боришоти атмосферӣ дар давраи нашъунамои навъҳои гандум

Навъ	Ҷамъи боришоти солона, мм				
	Кишт - сабзиш	Панҷазанӣ	Найчабандӣ	Хӯшабандӣ - пухтарасӣ	Ҷамъ дар давраи нашъунамо
Краснодарская 99 (назоратӣ)	13,7	141	81	70	305,7
Наврӯз	13,7	118	110,5	70	312,2
Мохи нав	13,7	147,5	100,6	80	341,8
Сафедаки маҳаллӣ	13,7	118	100,6	80	312,3

Ҳамин тавр, барои шароити ноҳияи Данғара норасогии намии хок сабаби асосии дермонӣ дар рушду инкишофи растаниҳо дар давраи тирамоҳ мегардад, ки дар навбати худ сабаби ба давраи зимистону баҳор рост омадани панҷазанӣ мегардад. Ин ҳолат дар навбати худ боиси кӯтоҳ шудани давраи панҷазанӣ мегардад, ки ба пайдоиши миқдори зарурии пояҳои ҳосилдеҳ дар воҳиди майдони кишт таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, барои таҳияи агротехникаи парвариши гандуми тирамоҳӣ дар шароити норасогии намӣ масъалаи сари вақт гузаронидани кишти тирамоҳиро бо назардошти дигар омилҳои интенсификатсия, ба монанди шудгори тобистона, истифодаи нуриҳои

органикӣ, коркарди тухмӣ бо танзимкунандаҳои рушд, механиконии раванди кишт ва ғайра ба асос гирифтан зарур аст.

Истифодаи ин ё он чорабиниҳои агротехникӣ бо таъсири муштараки омилҳои иқлимӣ барои фароҳам шудани шароити муътадил баҳри рушду нумӯи растаниҳо мусоидат мекунад, ки дар ниҳояти кор дар бавуҷуд омадани ҳосили баланд мусоидат мекунад. Вобаста ба тағйирёбии шароити иқлим, истифодаи ҳамон як технология дар солҳои гуногун гирифтани ҳосили баландро таъмин карда наметавонад (ҷадвали 23).

Ҷадвали 23.- Элементҳои маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити ноҳияи Данғара

Аломат	Сафедаки маҳаллӣ	Моҳи нав	Краснодарская 99 (st.)	Ҳисоби миёнаи навъҳо
Баландии поя, см	83,40	95,43	73,90	84,24
Дарозии хӯша, см	7,80	7,23	7,73	7,59
Вазни хӯша, г	1,56	1,99	1,63	1,73
Вазни коҳ, г	1,18	1,62	1,04	1,28
Миқдори хӯшачаҳо дар хӯша, адад	13,10	14,00	14,10	13,73
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	33,85	39,05	34,90	35,93
Вазни донаҳои як хӯша, г	1,20	1,56	1,29	1,35
Ҳосилнокӣ, с/га	35,91	60,01	52,75	49,56
$НСР_{05}$				8,43

Мувофиқи ақидаи В.П. Буренок ва дигарон “рушди фаъолонаи пояи гандум пас аз пайдо шудани хӯша мушоҳида карда мешавад, дар давраҳои хӯшабандию гулкунӣ бошад, поя то 4-6 см дар як шабонарӯз фаъолона баланд мешавад. Ба туфайли давраи давомноки нашъунамо дар тирамоҳ давраи хӯшабандӣ ва пухтарасии ҳосили гандуми тирамоҳӣ нисбат ба гандуми баҳорӣ хеле барвақттар фаро мерасад, ва ба ин васила он ба таъсири хушкиҳо дар оихир нашъунамо камтар дучор мешавад” [7, с. 26].

Ташаккули зичии ҷойгиршавии растаниҳо дар майдон аз коэффитсенти сабзиш ва энергияи сабзиши тухмӣ вобастагии зиёд дорад. Дар таҷрибаҳои мо энергияи сабзиши дони гандум (рӯзи 3-юм) дар навъҳои Моҳи нав ва Фанян-01 дар шароити лабораторӣ ҳангоми истифодабарии нурии биологии Бигус хеле зиёд мегардад. Дар муқоиса бо дигар вариантҳо он мутаносибан ба навъҳо аз 67,65 то 90,91% зиёд шудааст (ҷадвали 24).

Дар навъи Фанян-01 таъсири маводи биологӣ омили муайянкунандаи сабзиши донаҳо дар рӯзи 3-юм мегардад. Коэфисенти бештари сабзиши донаҳо (рӯзи 7-ум), ҳамчунин дар варианти коркарди онҳо бо маҳлули обии 1% Бигус гирифта шудааст, ки ба 88,24% (навъи Моҳи нав) ва 90,91% (навъи Фанян-01) баробар аст.

Ҷадвали 24.- Энергияи сабзиш ва коэффитсенти сабзиши дони ганум вобаста ба таъсири нуриҳои биологӣ

Вариант	Навъ	Рӯзи 3-юм	Рӯзи 5-ум	Рӯзи 7-ум
Оби дистилятсионӣ (назоратӣ)	Моҳи нав	63,64	75,76	81,82
Зеребра агро (1%)	Моҳи нав	66,67	78,79	78,79
Бигус (1%)	Моҳи нав	67,65	76,47	88,24
Оби дистилятсионӣ (назоратӣ)	Фанян-01	76,47	85,29	85,29
Зеребра агро (1%)	Фанян-01	87,88	87,88	87,88
Бигус (1%)	Фанян-01	90,91	90,91	90,91

Натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки ҳангоми истифодабарии нуриҳои минералӣ ва биологӣ дараҷаи афзоиши баландии поя ва дарозии хӯша дар навъҳои гандум тафовути зиёд дорад. Истифодаи танзимкунандаи рушди Зеребра агро дар навъи Моҳи нав боиси батадриҷ паст гаштани баландии поя гардид, ки дар муқоиса бо вариантҳои нуриҳои маъданӣ 7,2-13,6 сантиметрро ташкил дод. Ҳангоми истифодаи якҷояи нуриҳои биологӣ ва минералӣ (Бигус + $N_{80}P_{30}K_{40}$) дарозии хӯша нисбат ба варианти назоратӣ то 2,2 см зиёд шудааст, дар варианти Зеребра агро + $N_{80}P_{30}K_{40}$ бошад, баръакс то 0,8 см камтар мебошад (ҷадвали 25).

Ҷадвали 25.- Ташаккулёбии баландии пояи асосӣ ва дарозии хӯша дар навъҳои гандум (давраи хӯшабандӣ)

Нишондиҳанда	Вариантҳои таҷриба	Навъи Мохи нав	Навъи Крассар	Фарқият аз назоратӣ	
				Мохи нав	Крассар
Баландии поя, см	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	88,4±2,67	116,3±2,74	-	-
Дарозии хӯша, см		9,0±0,33	10,9±1,09	-	-
Баландии поя, см	Бигус + $N_{80}P_{30}K_{40}$	80,4±2,67	80,6±2,77	-8,0	-7,8
Дарозии хӯша, см		11,2±0,44	7,9±0,36	2,2	-3,0
Баландии поя, см	Бигус	81,2±3,2	83,1±2,0	-7,2	-33,2
Дарозии хӯша, см		10,7±0,71	7,9±0,52	1,7	-3,0
Баландии поя, см	Зеребра агро + $N_{80}P_{30}K_{40}$	78,5±1,72	113,4±3,87	-9,9	-2,9
Дарозии хӯша, см		8,2±0,54	11,7±0,79	-0,8	0,8
Баландии поя, см	Зеребра агро	74,8±2,62	112,3±4,42	-13,6	-4,0
Дарозии хӯша, см		8,6±0,60	11,5±0,84	-0,4	0,6

Дар навъи Крассар ҳангоми истифодаи якҷояи нуриҳои минералӣ ва биологӣ (Бигус + $N_{80}P_{30}K_{40}$) камшавии баландии поя то 7,8 см, дарозии хӯша то 3,0 см мушоҳида карда мешавад. Истифодаи якҷояи Зеребра агро ва нуриҳои маъданӣ (Зеребра агро + $N_{80}P_{30}K_{40}$) ба дароз шудани хӯша то 11,7 см мусоидат намуд, ки нисбат ба варианти назоратӣ 0,8 см бештар мебошад.

Дар маҷмуъ, истифодаи намудҳои гуногуни нуриҳо ба ташаккулёбии баландии поя ва дарозии хӯшаи навъҳои гандум таъсири амиқ мерасонад, ки инро дар раванди ташаккули узвҳои генеративии растанӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Таъсири танзимкунандаи нуриҳои биологӣ барои ташаккули пояи устувор ба хобидан, алалхусус дар навъҳои баландпоя, ба мисоли Крассар имконият медиҳад.

Таҳлили нишондиҳандаҳо оид ба шумораи пояҳо дар давраи пухтарасии ҳосили гандум нишон медиҳад, ки вобаста ба навъ ва намуди нуриҳои истифодабурдашуда миқдори гуногуни пояҳо дар воҳиди майдон ҳосил мегардад. Масалан, миқдори умумии пояҳо дар навъи Моҳи нав аз 543 то 631, миқдори пояҳои ҳосилдеҳ бошад, аз 507 то 570 адад/м^2 мебошад. Миқдори бештари пояҳои умумӣ ва маҳсулнок дар ин навъ дар варианти истифодаи нуриҳои минералӣ ташаккул ёфтааст (ҷадвали 26).

Ҷадвали 26.- Ташаккули зичии ҷойгиршавии пояҳо дар навъҳои гандум вобаста ба намуди нуриҳо

Навъ	Вариантҳо	Шумораи умумии пояҳо адад/м^2	Шумораи пояҳои маҳсулнок, адад/м^2	Коэффитсенти панҷазании маҳсулнок	Вазни умумии рӯйзаминӣ, кг/м^2
Моҳи нав	Бигус	543±80	507±67	1,07	2,37±0,4
Моҳи нав	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	631±83	570±44	1,11	3,55±0,3
Моҳи нав	$N_{80}P_{30}K_{40}$+Бигус	608±44	546±39	1,11	3,12±0,3
Фанян-01	Бигус	586±51	533±20	1,10	2,43±0,2
Фанян-01	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	525±126	455±27	1,15	2,72±0,4
Фанян-01	$N_{80}P_{30}K_{40}$+Бигус	557±39	528±36	1,05	2,37±0,3
Крассар	Бигус	605±62	511±14	1,18	4,08±0,3
Крассар	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	644±35	551±28	1,17	6,40±0,6
Крассар	$N_{80}P_{30}K_{40}$+Бигус	603±24	545±24	1,11	3,97±0,1

Тибқи мушоҳидаҳо шумораи бештарини пояҳои умумӣ ва маҳсулнок дар навъи Фанян-01 дар варианти истифодабарии нуриҳои биологӣ пайдо шудаанд (мутаносибан, 586 ва 533 адад/м^2), вале ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ ин нишондиҳанда кам шуда, мутаносибан ба 525 ва 455 адад/м^2 баробар шудааст.

Дар навъи Крассар, дар муқоиса бо дигар навъҳо дар ҳамаи вариантҳои истифодабарии нуриҳо миқдори зиёди пояҳои умумӣ (603-644 адад/м^2) ҳосил шудааст, дар ҳолате, ки миқдори пояҳои маҳулноки ин навъ дар қатори дигар навъҳо меистад. Нишондиҳандаи барои ҳамаи навъҳо умумӣ коэффитсенти панҷазании маҳсулнок мебошад, ки дар ҳудуди 1,07-1,18 қарор дорад.

Ҳамин тавр, таҳти таъсири намудҳои гуногуни нуриҳо аломати бештар устувор дар навъҳои омӯхташудаи гандум коэффитсенти панҷазании маҳсулнок мебошад, ки аз 1,05 то 1,18 поя аз шумораи умумии пояҳоро ташкил медиҳад. Истифодаи нуриҳои биологӣ ба

ташаккули миқдори бештари пояҳои умумӣ ва маҳсулнок дар навъи Фанян-01 мусоидат намуданд. Истифодаи якҷояи нуриҳои биологӣ ва минералӣ ба зиёд шудани миқдори пояҳои умумӣ ва маҳсулнок дар муқоиса бо истифодаи нуриҳои минералӣ дар алоҳидагӣ дар навъи мазкур мусоидат намуд. Бартариро аз рӯйи ин аломат соҳиб гашта, варианти истифодаи якҷояи нуриҳои биологӣ ва минералӣ аз варианти назоратӣ аз рӯйи вазни умумии рӯйизаминӣ қафо монданд.

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ нишон дод, ки баландии пояи асосӣ, ғайр аз хусусиятҳои генетикии навъ, инчунин аз шароити парвариш, аз ҷумла ғизодиҳӣ вобастагӣ дорад. Масалан, дар навъи Моҳи нав пояи баландтарин ҳангоми истифодаи нуриҳои биологӣ ва омехта ташаккул ёфтааст, дар ҳолате ки ҳангоми истифодаи алоҳидаи нуриҳои минералӣ ин нишондиҳанда камтарин буд (ҷадвали 27).

Ҷадвали 27.- Ташаккули элементҳои маҳсулнокии гандуми навъи Моҳи нав вобаста ба таъсири намудҳои гуногуни нуриҳо

Аломат	Намуди нуриҳо		
	Бигус	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	$N_{80}P_{30}K_{40}$ + Бигус
Баландии поя, см	111,9±3,45	92,5±4,03	112,8±3,41
Дарозии хӯша, см	6,9±0,35	9,8±0,39	7,6±0,31
Вазни хӯша, г	1,55±0,15	3,04±0,32	1,77±0,16
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	29±2,32	50±4,29	34±1,23
Вазни донаҳои як хӯша, г	1,13±0,10	2,34±0,29	1,35±0,15
Вазни коҳи хӯша, г	0,43±0,05	0,71±0,08	0,41±0,04

Истифодаи нуриҳои минералӣ ба зиёд шудани дарозии хӯша мусоидат карданд, ки дар муқоиса бо дигар вариантҳо то 9,8 см расид. Ҳамаи дигар аломатҳои маҳсулнокии хӯша низ бо назардошти истифодабарии нуриҳои минералӣ баланд буданд. Фарқияти калон байни вариантҳои таҷриба дар навъи Моҳи нав аз рӯйи миқдор ва вазни донаҳои як хӯша дида мешавад. Чунончи, вазни донаҳои як хӯша аз 1,13 г (омехтаи нуриҳои биологӣ ва минералӣ) то 2,34 г (нуриҳои минералӣ) тағйир меёбад, ки аз иқтидори баланди ин навъ дарак медиҳад.

Ҳангоми омӯзиши аломатҳои маҳсулнокии навъи чинии Фанян-01 вобаста ба таъсири намудҳои гуногуни нуриҳо, инчунин афзоиши баландии пояи асосӣ то 68,7 см дар варианти истифодабарии нурии биологии Бигус мушоҳида карда шуд. Ин аломат дар вариантҳои истифодабарии нуриҳои минералӣ ва омехта тафовути ночиз дошт (мутаносибан 63,4 ва 61,3 см). Тафовути зиёд аз рӯйи аломати дарозии хӯша мушоҳида карда мешавад, ки дар ҳудуди аз 7,4 см (омехта) то 9,4 см (минералӣ) тағйир меёбад (ҷадвали 28).

Хусусияти фарққунандаи навъи Фанян-01 аз дигар навъҳо дар тағйирёбии камтарини аломатҳои маҳсулнокии хӯша вобаста ба таъсири намуди нуриҳо мебошад. Масалан, миқдори донаҳои як хӯша аз варианти истифодаи нуриҳои минералӣ 15-19 дона, вазни онҳо 0,53-0,58 г фарқ мекунад. Ҳосилнокии навъҳои гандум вобаста ба меъёри нуриҳои минералӣ ва биологӣ дар навъи Моҳи нав 33,4-65 с/га ва 36,9-62,0 с/га –

дар навъи Крассар мебошад, ки дараҷаи баланди тағйирёбиро вобаста ба намуди нуриҳо нишон медиҳад (ҷадвали 29).

Ҷадвали 28.- Ташаккули элементҳои маҳсулнокии гандуми навъи Фанян-01 вобаста ба таъсири намудҳои гуногуни нуриҳо

Аломат	Намуди нуриҳо		
	Бигус	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	$N_{80}P_{30}K_{40}$ + Бигус
Баландии поя, см	61,3±1,37	63,4±3,01	68,7±3,9
Дарозии хӯша, см	7,4±0,62	9,4±0,31	7,80±0,6
Вазни хӯша, г	2,14±0,31	2,92±0,18	2,33±0,31
Миқдори донаҳо дар хӯша, адад	29,4±3,61	48±1,72	33±4,0
Вазни донаҳои як хӯша, г	1,56±0,22	2,14±0,18	1,61±0,24
Вазни коҳи хӯша, г	0,57±0,09	0,77±0,06	0,72±0,12

Ҷадвали 29.- Ҳосилнокии дони навъҳои гандум вобаста ба таъсири намудҳои гуногуни нуриҳо (солҳои 2018-2020)

Навъ	Вариантҳо	Миқдори пояҳои ҳосилдеҳ, млн. дона/га	Вазни донаҳои як хӯша, г	Ҳосилнокӣ, с/га	Фарқият аз назоратӣ, с/га	$НСР_{0,5}$
Моҳи нав	Бигус	3,60±47	1,35±0,15	33,4	-31,60	
Моҳи нав	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	4,05±34	2,34±0,29	65,0		
Моҳи нав	$N_{80}P_{30}K_{40}$ + Бигус	3,88±29	1,13±0,10	40,1	-24,90	7,68
Фанян-01	Бигус	3,78±20	1,61±0,24	41,8	-21,50	
Фанян-01	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	3,23±27	2,14±0,18	63,3		
Фанян-01	$N_{80}P_{30}K_{40}$ + Бигус	3,88±36	1,56±0,22	45,5	-17,80	8,18
Крассар	Бигус	3,32±14	1,48±0,22	36,9	-25,10	
Крассар	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	3,58±28	2,31±0,23	62,0		
Крассар	$N_{80}P_{30}K_{40}$ + Бигус	3,54±24	1,85±0,20	49,2	-12,80	8,07

Чунин ҳолат талаботи баланди навъҳоро ба нуриҳои минералӣ дар муқоиса бо навъи Фанян-01 нишон медиҳад. Дар ин ҳолат ҳосилнокии баланди навъҳои гандумро дар вариантҳои истифодаи нуриҳои минералӣ ду аломати маҳсулнокии растаниҳо – миқдори пояҳои маҳсулнок дар воҳиди майдони кишт ва вазни донаҳои як хӯша таъмин мекунанд, ки ба истифодаи нуриҳо муносибати мусбат доранд.

Натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ аз тафовути аниқ дар давомнокии давраи аз кишт то пайдоиши майсаҳо миёни киштҳои тирамоҳию баҳорӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз он ҷумла дар навъи Моҳи нав давомнокии давраи кишт – пайдоиши майсаҳо ҳангоми кишти тирамоҳӣ 15 шабонарӯз ва 9 шабонарӯзро ҳангоми кишти баҳорӣ ташкил медиҳад. Дар навъи Шокирӣ ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 14 ва 9 шабонарӯзро ташкил медиҳанд (ҷадвали 30).

Оғози панҷазанӣ ҳангоми кишти тирамоҳӣ дар навъи Моҳи нав 20 феврал ба қайд гирифта шудааст, ки давомнокии он 42 рӯзро ташкил медиҳад, ҳангоми кишти баҳорӣ бошад ин давра 25 март оғоз ёфта то 3

май идома ёфтааст (39 рӯз). Давомнокии давраи мазкур дар навъи Шокирӣ 38-39 рӯзро ташкил медиҳад. Тавре ки дида мешавад, давраҳои нашъунамо ҳангоми кишти баҳорӣ то 1 моҳ ва бештар аз он дертар фаро мерасад.

Ҷадвали 30.- Мушоҳидаи фенологии навъҳои гандум ҳангоми кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ

Вариант	Санаи фарорасии давраҳои нашъунамо ва давомнокии онҳо (рӯз)						
	Кишт	Сабзиш	Панҷазанӣ	Найча-бандӣ	Хӯша-бандӣ	Гулкунӣ	Пухта-расӣ
Моҳи нав	Тирамоҳӣ 17.11.16	30.11.16 (15)	20.02.17 (81)	01.04.17 (42)	30.04.17 (30)	07.05.17 (8)	15.06.17 (38)
Моҳи нав	Баҳорӣ 25.02.17	05.03.17 (9)	25.03.17 (20)	03.05.17 (39)	18.05.17 (15)	30.05.17 (12)	25.06.17 (26)
Шокири	Тирамоҳӣ 17.11.16	01.12.16 (15)	24.02.17 (85)	03.04.17 (38)	01.05.17 (28)	10.05.17 (10)	09.06.17 (30)
Шокири	Баҳорӣ 25.02.17	05.03.17 (9)	27.03.17 (22)	05.05.17 (39)	20.05.17 (15)	03.06.17 (13)	28.06.17 (31)

Аз рӯйи натиҷаҳои овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар навъҳои гандум қонунияти муайян дар давомнокии давраҳои панҷазанӣ ва найчабандӣ мавҷуд аст, ки эҳтимол аст ба махсусияти навъҳо дар давраҳои ограногенез алоқаманд аст. Кӯтоҳшавии давмонокии давраҳои нашъунамо ҳангоми кишти баҳорӣ пеш аз ҳама ба таъминоти кифояи растаниҳо бо омилҳои ҳаётӣ, аз ҷумла ҳарорат, намнокии хоку ҳаво дар давраи баҳорӣ алоқаманд аст.

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ нишон медиҳанд, ки муҳлати кишт ба ташаккули элементҳои маҳсулнокии гандум таъсири калон мерасонад. Тафовути назаррас аз рӯйи баландии пояи маҳсулнок, дарозии хӯша, майдони баргҳои як растанӣ ва вазни тари растаниҳо дида мешавад (ҷадвали 31).

Агар ҳангоми кишти тирамоҳӣ баландии пояи навъи Моҳи нав ба ҳисоби миёна 84,7 см бошад, пас дар кишти баҳорӣ он 78,6 см мешавад. Дар навъи Шокирӣ фарқияти баландии поя миёни вариантҳои кишт наздики 20 см мебошад. Дарозии хӯша, ҳамчун нишондиҳандаи муҳими маҳсулнокии гандум ҳангоми кишти баҳорӣ дар навъи Моҳи нав то 6,7 см ва дар навъи Шокирӣ то 6,6 см кам мешавад.

Муҳлати кишт ба ташаккули вазни рӯйизаминии растаниҳо, инчунин ба миқдори умумии пояҳо ва пояҳои ҳосилдеҳ дар навъҳои

гандум таъсири калон мерасонад. Чунончи, вазни умумии рӯйизаминӣ ҳангоми кишти тирамоҳӣ 1,98-2,21 кг/м^2, кишти баҳорӣ бошад – 1,62-1,83 кг/м^2 мешавад (ҷадвали 32).

Ҷадвали 31.- Биометрияи навъҳои гандум дар давраи хӯшабандӣ-гулкунӣ

Аломат	Кишти тирамоҳӣ		Кишти баҳорӣ		Фарқият, ±	
	Моҳи нав	Шокирӣ	Моҳи нав	Шокирӣ	Моҳи нав	Шокирӣ
Баландии поя, см	87,4	80,2	78,6	60,9	8,8	19,3
Дарозии хӯша, см	8,2	9,3	6,7	6,6	1,5	2,7
Масоҳати баргҳои як растанӣ, см^2	68,8	67,1	47,9	57,1	20,9	10

Ҷадвали 32.- Ташаккули биомассаи рӯйизаминӣ, зичии пояҳо ва ҳосилнокии навъҳои гандум дар киштҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ

Аломат	Кишти тирамоҳӣ		Кишти баҳорӣ		Фарқият, ±	
	Моҳи нав	Шокирӣ	Моҳи нав	Шокирӣ	Моҳи нав	Шокирӣ
Вазни умумии рӯйизаминӣ, кг/м^2	1,98	2,21	1,62	1,83	0,36	0,38
Миқдори умумии пояҳо, адад/м^2	617	646	496	442	121	204
Миқдори пояҳои маҳсулнок, адад/м^2	478	534	426	378	52	156
Ҳосилнокӣ, с/га	54,6	53,0	36,9	31,6	17,7	21,4

Фарқият аз рӯйи миқдори пояҳо дар байни муҳлатҳои гуногуни кишт аз 121 то 204 адад/м^2 мебошад, ки ба ташаккули зичии растаниҳо таъсири калон мерасонад. Аз рӯйи миқдори пояҳои маҳсулнок тафовути калон миёни киштҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ (156 адад/м^2) дар навъи Шокирӣ дида мешавад.

Ҳамин тавр, миқдори пояҳои маҳсулнок ба ташаккули ҳосили гандум таъсири калон мерасонад ва он дар киштҳои тирамоҳӣ аз ҳисоби зиёд шудани коэффитсенти панҷазании маҳсулнок хеле зиёд мешавад. Омӯзиши меъёри реаксияи генотип дар киштҳои тирамоҳӣ ва баҳории гандум имконияти баҳодиҳии дараҷаи таҳияи иқтидори генетикии навъҳои гандум ва дар ин асос, муайян кардани таъсири омилҳои муҳитро дар ташаккули элементҳои маҳсулнокии гандум медиҳад.

Баҳодиҳии муқоисавии санаи фарорасии давраҳои алоҳидаи нашъунамои гандум дар ду минтақаи агроиқлимии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки солҳои гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ тафовути калони ин нишондиҳанда дида мешавад. Чунончӣ, ҳангоми кишт дар муҳлатҳои оптималӣ (октябр-ноябр) давраи панҷазании гандум тирамоҳ (ноябр), вале ҳангоми дер гузаронидани кишт охири моҳи феврал оғоз меёбад, ки дар навбати худ ба давомнокии ин давра таъсири калон мерасонад (ҷадвали 33).

Натиҷаи таҷрибаҳо нишон доданд, ки давомнокии давраи панҷазании гандум дар шароити водии Ҳисор 48-63 рӯз ва дар шароити ноҳияи Данғара 30-60 рӯзро ташкил медиҳад. Давраи найчабандии

гандум моҳи март – аввали апрел, хӯшабандӣ бошад охири моҳи апрел оғоз меёбад, ки ба давраи ҳарорати муътадил ва боришоти кифояи атмосферӣ рост меояд. Аммо, солҳои камбориш поя кӯтоҳ ва хӯша хурд мешавад, чунончӣ дар ноҳияи Данғара (соли 2016).

Ҷадвали 33.- Санаи фарорасии давраҳои нашъунамои навъҳои гандум дар шароити ду минтақаи агроиқлимии Тоҷикистон

Давраҳои нашъунамои гандум	Водии Ҳисор	Ноҳияи Данғара
Муҳлати кишт	Октябр-ноябр	Октябр-ноябр
Сабзиш	10-20.11	12.11-10.12
Панҷазанӣ	23.11-23.02	25.11-23.02
Найчабандӣ	28.03-12.04	01.03-31.03
Хӯшабандӣ	22.04-01.05	03.04-30.04
Гулкунӣ	29.04-07.05	06.04-03.05
Пухтарасии дон	12.05-15.06	17.05-02.06
Давомнокии панҷазанӣ	48-63	30-60
Давраи нашъунамо, рӯз	158-182	150-165

Ҳосилнокии миёнаи гандуми навъи Наврӯз дар ду шароити фарқкунанда 38,38-52,72 сентнер аз 1 гектарро ташкил медиҳад, ки тағёирёбии зиёдро вобаста аз вариантҳои таҷрибаҳои саҳроӣ нишон медиҳад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки дараҷаи умумии гомеостазӣ (Hom) дар варианти назоратӣ, бе истифодаи нуриҳои маъданӣ ба 32,99 баробар аст (ҷадвали 34).

Ҷадвали 34.- Ҳосилнокии навъҳои гандум вобаста аз меъёри кишт ва нуридиҳӣ (водии Ҳисор, ҳисоби миёнаи солҳои 2006-2009)

Навъ	Меъёри кишт, кг/га	Ҳосилнокӣ, с/га		Ҳосилнокии миёна дар шароити контрастӣ, ц/га	Таҳияи иқтидори ҳосилнокӣ, %
		Бе нурӣ (назоратӣ)	$N_{160}P_{60}K_{80}$		
Наврӯз (st.)	80	25,43	51,32	38,38	50,45
Наврӯз	120	27,34	50,25	38,80	45,58
Наврӯз	160	36,54	68,90	52,72	46,97
Наврӯз	200	40,29	59,39	49,84	32,15
Наврӯз	240	36,55	55,74	46,15	34,42
Ҳисоби миёнаи навъ		**33,23**	**57,12**	**45,18**	**41,82**
Фарқияти миёнаи квадратӣ (σ)		8,27	9,62	8,95	
Гомеостази умумии навъ (Hom)		32,99	71,97	52,48	
Атои-85	80	18,82	57,03	37,93	66,99
Атои-85	120	19,05	56,53	37,79	66,31
Атои-85	160	20,16	57,44	38,80	64,90
Атои-85	200	25,87	42,68	34,28	39,38
Атои-85	240	27,93	54,18	41,06	48,45
Ҳисоби миёнаи навъ		**22,37**	**53,57**	**37,97**	**58,25**
Фарқияти миёнаи квадратӣ (σ)		29,26	63,13	46,20	
Гомеостази умумии навъ (Hom)		34,89	92,87	63,88	

Тафовути миёнаи квадратӣ дар ин ҳолат дар ҳудуди 8,27-9,62 ҷойгир мешавад. Истифодаи нуриҳои минералӣ ба зиёдшавии аниқи гомеостазӣ то 71,97 боис гаштааст, ки ба талаботи баланди навъ нисбати моддаҳои ғизоӣ ишора менамояд.

Таҳлили тафовути таҷрибаҳо ҳангоми меъёри гуногуни кишти тухмӣ нишон дод, ки навъи Наврӯз ҳангоми истифодабарии нуриҳои маъданӣ қобили таҳияи иқтидори ҳосилнокиро то 32,15-50,45% дорад. Дар навъи Атои-85 ин ҳудуд ба 39,38-66,90% баробар аст.

Ҳосилнокии миёнаи навъи Атои-85 дар шароити норасогии нуриҳо ба 31,95 с/га баробар буда, истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри N160P60K80 боиси афзоиши ҳосилнокӣ то 54,24 с/га гардидааст. Ҳамин тавр, дараҷаи таҳияи аломат (Hom) вобаста ба вариантҳои тадқиқот аз 34,89 то 92,87% тағйир меёбад. Дараҷаи нисбатан баландтари иқтидори генетикии ҳосилнокӣ (80,3%) ҳангоми кишт бо меъёри 160 кг/га ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 34).

Дарозии хӯша дар муқоиса бо баландии пояи маҳсулнок аломати бештар устувор мебошад, вале таҳти таъсири гароити муҳит тағйирёбии зиёдро дорад. Натиҷаҳои гирифташуда нишон медиҳанд, ки дар давраҳои хӯшабандӣ ва пухтарасии дони гандум ин аломат дараҷаи ночизи зиёдшавиро дорад, ки аз рақамҳои ҷадвали 35 ва расми 7 дида мешавад.

Ҷадвали 35.- Тағйирёбии дарозии хӯшаи навъҳои гандум дар шароити ноҳияи Данғара

Давра	Намуди нуриҳо				
	$N_{160}P_{60}K_{80}$ (назоратӣ)	Бигус	Бигус + $N_{80}P_{30}K_{40}$	Зеребро агро	Зеребра агро + $N_{80}P_{30}K_{40}$
Навъи Моҳи нав					
Хӯшабандӣ	9,3±0,33	7,7±0,71	7,2±0,44	8,6±0,60	8,2±0,54
Пухтарасӣ	9,8±0,39	7,9±0,35	7,6±0,31	9,2±0,76	8,8±0,56
Навъи Крассар					
Хӯшабандӣ	7,9±1,09	6,5±0,52	7,4±0,36	7,5±0,84	7,7±0,79
Пухтарасӣ	8,4±0,45	6,7±0,52	7,5±0,40	7,8±0,50	7,7±0,51

Дар навъҳои омӯхташуда тағйирёбии муназзами дарозии хӯша таҳти таъсири вариантҳои гуногуни нуриҳои биологӣ ва маъданӣ дар давраи хӯшабандӣ – пухтарасии дона нигоҳ дошта мешавад. Дарозии бештари хӯша ҳангоми истифода бурдани нуриҳои маъданӣ (назоратӣ) ташаккул ёфтааст, ки дар навъи Моҳи нав мутаносибан ба давраҳои рушд ба 9,3-9,8 см, дар навъи Крассар бошад, 7,9-8,4 см баробар аст.



Расми 7.- Динамикаи тағйирёбии дарозии хӯшаи навъҳои гандум вобаста ба намуди нуриҳо

Ҳангоми якҷоя истифода бурдани нуриҳои биологӣ ва маъданӣ дар навъи Крассар дарозии хӯша нисбат ба истифодаи алоҳидаи нуриҳои биологӣ хеле зиёд гардид. Дар навъи Моҳи нав нишондиҳандаи камтарини ин аломат ҳангоми истифодаи якҷояи нуриҳо (Бигус + $N_{80}P_{30}K_{40}$) мушоҳида карда мешавад, ки дар давраи пухтарасии дон ба 7,6 см баробар аст.

Дар низоми кишоварзӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ду самти ба ҳамдигар мухолифи фаъолият мавҷуд аст. Фаъолияти якуми муҳимтарин ва зарурӣ парвариши зироатҳои асосии ғизоии кишоварзӣ барои таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо маводи хӯрока, новобаста аз дараҷаи харочоти иқтисодӣ аст, ки ба он истеҳсоли гандум, ҷав, ҷуворимакка, шолӣ, картошка ва ғайра дохил мешавад. Фаъолияти дуюм истеҳсоли дигар зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавот, полизиҳо, меваҷот ва дигар ҳироатҳо ғолибан барои гирифтани даромади иқтисодӣ ба хоҷагӣ мебошад.

Натиҷаи таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар варианти назоратӣ (бе нурӣ) ҳангоми зиёд кардани меъёри кишти тухмӣ аз 80 то 240 кг/га харочоти умумӣ ба ҳисоби миёнаи солҳои 2006-2009 аз 293 то 570 сомонӣ ба 1 га зиёд мешавад, ва арзиши аслии 1 с ҳосил дар ин ҳолат вобаста ба ҳосилнокӣ хеле тағйир меёбад (ҷадвали 36).

Ҳангоми парвариши навъи Наврӯз даромади соф аз 1 га дар баробари зиёд кардани меъёри кишти тухмӣ аз 80 то 200 кг/га ва ҳосилнокии дон зиёд мешавад, ки мутаносибан аз 890 то 1410 сомониро ташкил медиҳад, ҳангоми зиёдкунии минбаъдаи меъёри кишт то 240 кг/га бошад он то 1279 сомонӣ/га кам мешавад.

Ҷадвали 36.- Самаранокии иқтисодии парвариши гандум (с. 2006-2009) ҳангоми меъёрҳои гуногуни кишти тухмӣ дар варианти назоратӣ (бе истифодаи нуриҳо)

Навъ	Меъёри кишти тухмӣ, кг/га	Ҳосилнокӣ, с/га	Харочоти умумӣ, сомони/га	Арзиши аслии 1 с ҳосили дон, сомони	Даромади умумӣ, сомони/га	Даромади соф, сомони/га	Дараҷаи даромаднокӣ, %
Наврӯз	80	25,43	293	11,5	890	597	204,0
Наврӯз	120	27,34	361	13,2	957	596	164,9
Наврӯз	160	36,54	426	11,7	1279	853	200,2
Наврӯз	200	40,29	498	12,4	1410	912	183,2
Наврӯз	240	36,55	570	15,6	1279	709	124,4
Атои-85	80	18,82	293	15,6	659	366	125,0
Атои-85	120	19,05	361	19,0	667	306	84,6
Атои-85	160	20,16	426	21,1	706	280	65,6
Атои-85	200	25,87	498	19,3	905	407	81,8
Атои-85	240	27,93	570	20,4	978	408	71,5

Харочоти умумӣ барои парвариши навъҳои гандум вобаста ба меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ тафовути калон дорад, ки ба 988-1265 сомонӣ/га (с. 2006-2008) баробар аст. Арзиши аслии 1 с ҳосили дон вобаста ба ҳосилнокӣ тағйир меёбад, ки ҳангоми афзоиши он то 16,3 сомонӣ ба 1 сентнер кам мешавад (ҷадвали 37).

Даромади максималии умумӣ ва соф ҳангоми ҳосилнокии 68,90 с/га дар навъи Наврӯз мутаносибан 2412 ва 1291 сомониро ба 1 га ташкил медиҳад. Дараҷаи даромаднокӣ ҳангоми истифодабарии нуриҳои минералӣ дар муқоиса бо варианти бе нуриҳои минералӣ зиёд мешавад ва мутаносибан 154-215% дар навъи Наврӯз ва 125-202,1% дар навъи Атои-85 ташкил медиҳад.

Ҷадвали 37.- Таъсири меъёри кишти тухмӣ ва нуриҳои минералӣ ($N_{160}P_{60}K_{80}$ кг/га м.т.) ба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои гандум (ҳисоби миёнаи солҳои 2006-2008)

Сорт	Меъёри кишти тухмӣ, кг/га	Ҳосилнокӣ, с/га	Харочоти умумӣ, сомони/га	Арзиши аслии 1 с дон, сомони	Даромади умумӣ, сомони/га	Даромади соф, сомони/га	Дараҷаи даромаднокӣ, %
Наврӯз	80	51,32	988	19,3	1796	808	181,8
Наврӯз	120	50,25	1056	21,0	1759	703	166,5
Наврӯз	160	68,90	1121	16,3	2412	1291	215,1
Наврӯз	200	59,39	1193	20,1	2079	886	174,2
Наврӯз	240	55,74	1265	22,7	1951	686	154,2
Атои-85	80	57,03	988	17,3	1996	1008	202,1
Атои-85	120	56,53	1056	18,7	1979	922	187,3
Атои-85	160	57,44	1121	19,5	2010	889	179,3
Атои-85	200	42,68	1193	28,0	1494	301	125,2
Атои-85	240	54,18	1265	23,3	1896	631	149,9

Натиҷаи таҷрибаҳои бисёрсолаи саҳроӣ дар ду минтақаи агроиқлимӣ имкон медиҳад, ки хусусияти нисбатан умумии рушди минбаъдаи соҳаи истеҳсоли гандум вобаста ба ҳолати мавҷуда ва имконияти зиёд намудани ҳосилнокии ин зироати муҳим асоснок карда шавад.

